БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Конибодом бо ҳамкорӣ ва дастгирии молиявии Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид, Вазорати Рушди Байналмиллали Британиёи Кабир ва Агентии Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ таҳия шудааст.

*1. Баҳодиҳии эҳтиёҷоти молиявӣ барои татбиқи Барномаи рушди шаҳри Конибодом (ҳазор сомонӣ)*

| | 2011с. | 2012с. | 2013с. | 2014с. | 2015с. | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бахши иқтисодӣ | 999,5 | 919,3 | 4310 | 2078 | 3105 | 32361,3 |
| Бахши иҷтимоӣ | 3427,2 | 6275,8 | 8857,1 | 3355,6 | 3451,9 | 27671,3 |
| Инфрасохтор | 2122 | 8800 | 7718 | 6805 | 4150 | 29986 |
| Раёсати камкунии хатари ҲФ ва Бехатарии ҳифзи муҳити зист | - | - | - | - | - | 827 |
| Таъминоти захиравӣ | - | - | - | - | - | 383 |
| Ҳамагӣ: | 6548,7 | 15995,1 | 20885,1 | 12238,6 | 10706,9 | 91228,6 |

*2. Гурӯҳбандии арзиши БР аз рӯи манбаҳои маблаггузорӣ (ҳазор сомонӣ)*

| Манбаҳо | Ҳамагӣ | % аз буҷаи умумӣ |
|---|---|---|
| Буҷаи ҷумҳуриявӣ | 1469,7 | 1,62% |
| Буҷаи вилоятӣ | 82,038 | 0,09% |
| Буҷаи шаҳрӣ | 1179,02 | 1,30% |
| Грантҳо ва бардоштҳои беруна | 23517,4 | 25,78% |
| Сармояи шахсӣ ва беруна | 10998,4 | 12,06% |
| Маблағҳои аҳолӣ | 952 | 1,05% |
| Ҳамагӣ лоиҳаҳои маблағгузорӣ надошта | 53030,04 | 58,10% |
| Ҳамагӣ: | 91228,6 | 100% |

# Мундариҷа

Муроҷиатномаи Раиси шаҳр ба аҳолӣ ....4
Рӯйхати ихтисорот ....5
Пешгуфтор....7

**1. Тавсифи умумии ш. Конибодом** ....8
1.1. Сохти маъмурию-ҳудудӣ. ....*8*
1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ....*8*
1.3. Шароитҳои иқлимию табиӣ ва захираҳо....*9*
1.4. Ҳолати демографӣ....*9*
1.5. Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ....*10*
1.6. Биниши оянддаи ш. Конибодом ....*12*

**2. Таҳлили ҳолат ва шарҳи стратегияи соҳаҳо** ....13
**2.1.** Иқтисодиёт ....*13*
*2.1.1. Соҳаи кишоварзӣ ....13*
*2.1.2. Саноат....23*
*2.1.3. Соҳибкории хурду миёна (СХМ) ....30*
*2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисодиёт ....34*
**2.2.** Бахши иҷтимоӣ....*40*
*2.2.1. Тандурустӣ....40*
*2.2.2. Маориф ....43*
*2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ....48*
*2.2.4. Фарҳанг ва фарогат....50*
*2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои бахши иҷтимоӣ....53*
**2.3.** Инфрасохтор....*63*
*2.3.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ....63*
*2.3.2. Нақлиёт ва алоқа ....67*
*2.3.3. Стратегия ва вазифаҳои Инфрасохтор ....70*
**2.4.** Бехатарии муҳити зист....*73*
*2.4.1. Ҳолатҳои фавқуллода ....73*
*2.4.2. Экология....75*
*2.4.3. Стратегия ва вазифаҳои соҳаи ҳифзи муҳити зист,*
*идоракунӣ, кам намудани хатари ҳолатҳои фавқуллода ....77*
2.5. Таъминоти захиравӣ ....*80*
*2.5.1. Стратегия ва вазифаҳо оиди беҳтаргардонии таъминоти захиравии рушди*
*иҷтимоию иқтисодӣ ....85*

**3. Низоми мониторинг ва арзёбии** ....88

# Мурочиатномаи Раиси шахр ба аҳолӣ

Шаҳрвандони мӯҳтарам!

Бо суханони миннатдории самимона ба шумо дар арафаи ҷашнгирии 20-солагии Истиқлолияти ватани маҳбубамон муроҷиат намуда, мехоҳам иброз намоям, ки айни ҳол кишварамон ба сатҳи нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ расидааст. Дастовардҳои мо дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноати истеҳсолӣ, мавориф, илм, тандурустӣ, бахшҳои иҷтимоӣ ва инфрасохтор натиҷаи сиёсати самарабахши ҳукумати кишварамон ва асосан дастгирии ҳамватанони мо ва меҳнати суботкоронаашон мебошад. Марҳилаи нави рушди ҷумҳурӣ дар назди мо як қатор масъалаҳоро мегузорад, ки аз ҳалли онҳо некӯаҳволии оянда ва сифати ҳаёти мо вобастагӣ дорад. Чӣ тавре, ки ба ҳамагон маълум аст, масъалаҳои ҳалталаби имрӯзаи халқи мо – ин таъмини истиқлоли озуқаворӣ, баромадан аз бӯҳрони коммуникатсионӣ, таъмини истиқлоли энергетикӣ ба ҳисоб меравад. Дар заминаи масъалаҳои дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошташуда, инчунин дар асоси афзалиятҳои Нақшаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Конибодом дар давраҳои солҳои 2011-2015 масъалаҳои зерин муайян карда шудаанд, аз ҷумла:

1. Сермаҳсул гардонидан ва баланд бардоштани даромаднокии соҳаи кишоварзӣ.
2. Ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ бо роҳи дастгирии соҳибкории хурду миёна.
3. Беҳтаргардонии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати иҷтимоӣ (аз он ҷумла маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш, ҳифзи иҷтиомии аҳолӣ).
4. Дастгирии рушди бахши саноати коркард ва заминаи ашёи хом.
5. Муваффақ шудан ба сохтори мукаммали шуғли аҳолӣ ва истифодаи иқтидори захираҳои меҳнатӣ.

Қобили қайд аст, ки барномаи тарҳрезигардидаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Конибодом, барои мақомоти идоракунии шаҳрамон дар самти қабули қарорҳои зарурии пешбарандаи рушд мақоми хосае дорад. Барномаи мазкур дар асоси таҳлили муфассали ҳолати иҷтимою иқтисодии шаҳр таҳия гардидааст, ки таввасути он масъалаҳои асосии афзалиятнок муайян гашта, самту чораҳои ҳалли онҳо ба танзим дароварда шудаанд. Марҳилаи таҳияи БР дар асоси ҳамкории фаъоли иҷтимоии сохторҳои давлатию хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфтааст. Таҳияи барномаи мазкур дар чорчӯбаи татбиқи Барномаи рушди кишоварзӣ бо дастгирии ВРИС Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин як қатор ташкилотҳои байналмиллалӣ ва институтҳои оид ба ҳамкории байналмиллалӣ таҳия гаштааст. Ман мехоҳам шахсан аз номи худ ва аз номи ҳамшаҳриёнам ба ВРИС ҶТ, Вазорати Рушди Байналмиллали Британиёи Кабир, Созмони Миллали Муттаҳид, Агентии Олмон оид ба хамкории байналмиллалӣ барои расонидани кӯмаки машваратӣ, техникию молиявӣ дар таҳияи БРШ Конибодом изҳори миннатдорӣ намоям. Инчунин ба ҳамаи аъзоёни гурӯҳи корӣ ва шаҳрвандоне, ки дар таҳияи барнома фаъол буданд сипосгузор ҳастам.

Аз фурсат истифода бурда, ҳамаи тарафҳои ҳавасманду шаҳрвандонеро, ки ба тақдири наслҳои оянда бетафовут нестанд, даъват менамоям, ки барои татбиқи сари вақтӣ ва самараноки барномаи мазкур ҳиссагузор бошанд.

Бо таманнои комёбиҳо,

Раиси ш. Конибодом

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| ААИ | Андоз аз арзиши иловашуда |
| АИО | Асотсиатсияи истифодабарандагони об |
| АНМБ | Аломати норасогии масъунияти бадан |
| АХД | Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| БМТ | Бошишгоҳи муҳҳарикӣ-тракторӣ |
| БМН | Беморхонаи марказии ноҳиявӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди созмони миллали муттаҳид |
| БРШ | Барномаи рушди шаҳр |
| БАТР | Бонки Аврупоии таҷдид ва рушди |
| БҶ | БонкиҶаҳонӣ |
| БШРМ | Бемориҳои шадиди рудаву меда |
| БШРН | Бемориҳои шадиди роҳи нафас |
| ВТ | Вазорати тандурустӣ |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| ГТ | Гурӯҳӣ ташаббусскор |
| ДИТ | Донишгоҳи илимӣ тадқиқотӣ |
| ВМИ | Вируси масъунияти инсон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдо |
| ВТ | Вазорати тандурустӣ |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| ИГТ | Иншооти гидротехникӣ |
| ИДХО | Идораи давлатии хоҷагии об |
| ИЗОВФ | Идораи захираҳои обии водии Фарғона |
| ИҚТ | Иншоотҳои қубурҳои тозакунӣ |
| ИҶШС | Иттиҳоди ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ |
| ИМА | Иёлоти Муттаҳидаи Амрико |
| КВД | Корхонаи воҳидии давлатӣ |
| КМ | Корхонаи муштарак |
| КМОБ | Корхонаи масолеҳи оҳану бетон |
| КОТ | Корхонаи обу ташноб |
| КХД | Комиссариати давлатии ҳарбӣ |
| КҲФМГ | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждáнӣ |
| КТИ | Корхонаи таълимӣ-истеҳсолӣ |
| ҶС | Ҷамъияти саҳҳомӣ |
| ҶСС | Ҷумҳурии советӣ сотсиалистӣ |
| ҶСП | Ҷамъияти саҳҳомии пӯшида |
| ҶСШК | Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушода |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МОБ | Маҳсулоти оҳану бетонӣ |
| МИҲД | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ |
| МИЛ | Маркази идоракунии лоиҳа |
| ММММ | Муассисаҳои маълумоти миёнаи махсус |
| МТП | Муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ |
| МТИ | Маркуази таълими истеҳсолӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| РИР | Раёсати истифодабарии роҳ |
| СМР | Стратегияи миллии рушд |
| СОЗ | Сатҳи обҳои зеризаминӣ |
| СРМ | Сузишвори ва равғанҳои молиданӣ |
| ССЭ | Стансияи санитарӣ-эпидемиологӣ |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| ТВ | Телевизион |

| | |
|---|---|
| ТҲС | Тарзи ҳаёти солим |
| ХД | Хоҷагии деҳқонӣ |
| ХМК | Хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ |
| ХСЭ | Хадамоти санитариву эпидемиологӣ |
| ШКД | Шӯъбаи корҳои дохилӣ |
| ШКЗ | Шабакаҳои коллекторӣ заҳбурӣ |
| ШҚЗП | Шабакаҳои коллекторӣ заҳбурии пӯшида |
| ШСА | Шӯъбаи сохтмони асосӣ |
| ФР | Федератсияи Россия |

# Пешгуфтор

Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Конибодом ва ҷамоатҳои он бо иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ, сектори хусусӣ ва мутахассисони соҳавӣ таҳия гардида, дар рафти таҳияи он мушкилотҳои асосие, ки барои рушди шаҳр монеа мешуданд, муайян карда шуда, роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод гардидаанд.

Таҳияи Барнома дар асоси Дастурамали методӣ оид ба таҳияи барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои татбиқи самараноки ва саривақтии Стратегияи Миллии Рушд (СМР), Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола равонагардида, сурат гирифтааст.

Татбиқи Барномаи мазкур ба фароҳам овардани шароитҳои мусоид ҷиҳати рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ш. Конибодом ва ҷамоатҳои он равона гардидааст. Барнома самтҳои асосии рушдро тавассути пурқувват намудани ҳамкории мутақобилаи ҳамаи соҳаҳои ҷомеа дар ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сафарбаркунии тамоми захираҳо муайян менамояд.

Тарҳрезии Барномаи мазкур чунин амалҳоро дар бар гирифтааст:

- Ташкили гурӯҳи корӣ ва гурӯҳҳои ташаббускори соҳавӣ барои таҳлили мушкилиҳо ва муайян намудани мақсадҳои асосии рушди шаҳри Конибодом ва ҷамоатҳои он;
- Таҳлили ҳолати ҷорӣ ва муайян намудани монеаҳои асосии самтҳои афзалиятноку пешбарандаи рушд;
- Муайянкунии самтҳои афзалиятноки рушди соҳавӣ, лоиҳаҳои рушди деҳаҳо ва сарчашмаи маблағгузории онҳо, инчунин, индикаторҳои рушд.
- Таҳияи ҳуҷҷати мукаммали Барномаи рушди шаҳр барои 5 соли минбаъда, бо дастгирии мушовирон;
- Муҳокимаи Барномаи таҳиягардида ҳам дар байни мутахассисон ва ҳам дар байни шаҳрвандон (гузаронидани муҳокимаҳои ҷамъиятӣ).

Дар рафти таҳияи ҳуҷҷати номбурда нишондиҳандаҳои тадқиқотҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳр ва ҳисоботҳои натиҷаҳои татбиқи Стратегияи рушди иҷтимоию иқтисодии ш. Конибодом то соли 2020 истифода шуданд.

Барномаи мазкур тамоми соҳаҳоро фаро гирифта, миёнамӯҳлат мебошад. Барнома аз чунин бобҳо иборат аст:

***Боби 1*** шарҳи мухтасар ва таҳлили ҳолати умумии ш. Конибодом, бо назардошти тамоюлҳои солҳои охир;

***Боби 2*** фарогирӣ ва баҳодиҳии ҳолати ҷорӣ дар ш. Конибодом дар соҳаҳои асосӣ, ба монанди иқисодиёт, иҷтимоиёт, инфрасохтор ва бехатарии муҳити зист, инчунин стратегияи рушди соҳаҳои мазкур дар 5 соли наздик ва баҳодиҳии захираҳои зарурӣ барои татбиқи онҳо;

***Боби 3*** шарҳи ташкили системаи татбиқ, мониторинг ва арзёбии нақшаи рушди шаҳри Конибодом.

# 1. ТАВСИФИ УМУМИИ Ш. КОНИБОДОМ

## 1.1. Сохти маъмурию-ҳудудӣ

Конибодом дар қисмати ҷанубу-ғарбии водии Фарғона, соҳили канали Калони Фарғона, ки дар қисми ҷанубии шаҳр мегузарад, дар дури шаш километр аз истгоҳи роҳи оҳан ҷойгир шудааст. Дар шимол бо ноҳияи Ашт, дар шарқ бо ноҳияи Исфара, дар ғарб бо ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ҷануб бо ноҳияи Лайлаки Ҷумҳурии Қирғизистон (дарозии сарҳад 34 км) ва дар шимол бо ноҳияи Бешариқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон (дарозии сарҳад 43 км) ҳамсарҳад аст. Масоҳати ҳудуди шаҳри Конибодом 828,9 ҳазор $км^2$ - ро ташкил медиҳад.

Ба ҳайати шаҳри Конибодом 6 ҷамоат дохил аст:

1. Ҷамоати Пӯлотон
2. Ҷамоати Патар
3. Ҷамоати Ортиқов
4. Ҷамоати Ҳамробоев
5. Ҷамоати Шарипов
6. Ҷамоати Лоҳутӣ

*Расми 1. Харитаи ш. Конибодом*




## 1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ

**Конибодом** (шаҳри бодом) – дарвозаест аз водии Зарафшон ба водии Фарғона. Он дорои мероси бою рангини таърихию меъморӣ ва фарҳангӣ мебошад. Аввалин маротиба оиди шаҳр дар санадҳои таърихии асри XV (соли 1463) дарҷ гардидааст. Аз рӯи баъзе сарчашмаҳо шаҳр дар асрҳои VIII–X мавҷуд буд. Дар натиҷаи кофтукобҳои археологие, ки дар ноҳияи Конибодом гузаронида шуда буданд, маълум шуд, ки дар ҳудуди шаҳр дар ҳазорсолаи дуюми то мелодӣ бошишгоҳои маъданӣ дарёфт шудаанд. Дар сарчашмаҳои хаттии ҳуҷҷатҳои суғдиҳо, ки дар қалъаи болои Зарафшон дар кӯҳи Муғ (712-714с.) ёфт шуда буд, дар бораи шаҳри Конибодом ё Қанд маълумот дарҷ гардидааст. Дар асрҳои IX–X Конибодом ба атрофи Хуҷанд мансуб буд ва дар масофаи 5-6 форсах (ченаки дарозӣ, 1 форсах баробари 8 км) аз он ҷойгир буд.

Роҳи Конибодом ва шаҳри асосии Роҳи Азими Шоҳӣ – Хуҷанд имрӯз қад-қади соҳили ҷанубии обанбори Қайроққум (масоҳати об 520 $км^2$), ки соли 1956 дар Дарёи Сир сохта шудааст, мегузарад.

Такони ҷиддӣ барои рушди шаҳр охирҳои асри 19 ва аввалҳои асри 20 мушоҳида гардид. Маҳз ба ҳамин давра тараққиёти робитаҳои савдо бо Руссияи подшоҳӣ, со-

хтмони роҳи оҳан ва аввалин корхонаҳои саноатӣ рост меояд. Пайдоиши дар шаҳр коргарони рус асоси рушди инфрасохторҳои иҷтимоӣ ва муҳандисию техникӣ ба шумор меравад.

Пас аз сохтмони аввалин роҳи оҳан дар соли 1897 дар ҳудуди Тоҷикистон, байни ноҳияҳои Нов, Хуҷанд ва Конибодом, ки қисми таркибии роҳи оҳани Самарқанд - Қӯқандро ташкил медод, аз Конибодом ба Руссия содироти пахта, ангишт, хушкмева ва пӯст оғоз гардида, аз Руссия молҳои саноатӣ ва ғалла меоварданд.

Конибодом 26 сентябри соли 1926 дар ҳайати вилояти Ленинобод ҶСС Тоҷикистон таъсис ёфтааст.

## 1.3. Шароитҳои иқлимию табиӣ ва захираҳо

Конибодом дар байни қаторкӯҳҳои Тиён Шон дар баландии 388метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст, ки ин омил шароитҳои иқлимии онро муайян менамояд. Иқлими Конибодом континенталии хушк мебошад (дар моҳи январ ҳарорати ҳаво аз 0 то -36 дараҷа хунук, дар моҳи июл бошад - аз +26 то +46 дараҷа гармӣ тағир меёбад). Боришот дар ҳамвориҳо 150-300мм дар як сол, дар 1000м боло аз сатҳи баҳр бошад аз 700мм зиёдтар меборад. Конибодом дорои захираҳои бои табиӣ мебошад. Захираҳои оҳаксанги маҳаллӣ имконияти рушди соҳаи сохтмонро доранд.

## 1.4. Ҳолати демографӣ

Дар ибтидои соли 2010 аҳолии шаҳри Конибодом 182,3 ҳазор нафарро ташкил додаст, аз он ҷумла 50,6% занҳо. Дар шаҳр 48,2 ҳазор нафар (ё 27,2%) ва дар деҳот 134,1 ҳазор нафар (ё 72,8%) аҳолӣ зиндагӣ мекунанд. Тибқи таҳлили амалигардида, дар соли 2015 афзоиши аҳолӣ нисбати нишондодҳои соли 2011 2,6 %-ро ташкил хоҳад дод.

*Ҷадвали 1. Аҳолии Конибодом дар буриши ҷамоатҳо*

| Шаҳр/Ҷамоатҳо | Миқдори хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ | Аз чумла занон |
|---|---|---|---|
| ш. Конибодом | 9200 | 48,2 | 24,4 |
| Патар | 3050 | 16,2 | 8,2 |
| Пӯлотон | 4884 | 29,9 | 15,1 |
| Ортиқов | 4154 | 21,9 | 11 |
| Ҳамробоев | 4454 | 25,1 | 12,6 |
| Шарипов | 3995 | 22,1 | 11,2 |
| Лоҳутӣ | 3406 | 18,8 | 9,6 |
| Ҳамагӣ: | 33143 | 182,3 | 92,1 |

*Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди афзоиши аҳолии ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. Ҳисобот | 2012с. Баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Шумораи миёнаи солонаи аҳолӣ, ҳамагӣ (ҳазор нафар) Аз он чумла: | 186.3 | 187.2 | 188.5 | 189.8 | 191.1 | 102.6 |
| шаҳрӣ | 47.2 | 47.4 | 47.7 | 48,0 | 48.3 | 102.3 |
| деҳотӣ | 139.1 | 139.8 | 140.8 | 141.8 | 142.8 | 102.7 |

Қисми асосии аҳолии Конибодомро (83,3 %) тоҷикон, шумораи боқимондаи аҳолиро ӯзбекон ва намояндагони дигар миллатҳо ташкил медиҳанд.

Дар сохтори синнусолии аҳолӣ, шумораи кӯдакони синни то 14 сола 46,5% бартарӣ дошта, аҳолии синну соли миёна 43,4% ва аҳолии синни нафақа 10,1%-ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 3. Таркиби синнусолии аҳолии Конибодом дар соли 2010*

| Аҳолӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла духтарон/занон | % духтарон/занон |
|---|---|---|---|
| Наврасони то 14 сола (кӯдакон) | 84,7 | 42,9 | 50,6 |
| Одамони синни миёна 15-62 | 79,2 | 40,0 | 50,5 |
| Одамони синни нафақа (63 мард/58 зан) | 18,4 | 9,2 | 39,8 |
| Ҳамагӣ: | 182,3 | 92,1 | 50,6 |

Дар ноҳия афзоиши демографӣ мушоҳида карда мешавад.

*Ҷадвали 4. Ҳолати демографӣ дар солҳои 2008-2010*

| Солҳо | Шумораи таваллудшудагон | Шумораи фавт | Афзоиши табии аҳолӣ | Афзоиши табии аҳолӣ бо % | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 4105 | 1069 | 3036 | 17,0 | 178,2 |
| 2009 | 4379 | 971 | 3408 | 18,8 | 181,2 |
| 2010 | 4769 | 995 | 3774 | 20,5 | 182,3 |

Аз рӯи нишондиҳандаҳои то 1 январи соли 2010 24 328 нафар аҳолии шаҳр дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, ки аз он 32,4% занҳо мебошанд. Муҳоҷирати меҳнатӣ – манбаи муҳим ва асосии даромади аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Танҳо дар соли 2010 аҳолии маҳал аз ҳисоби маблағҳои интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ 59 101,3 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил дод, ки он ба 968,7 ҳазор бештар нисбати соли 2009 мебошад.

## 1.5. Тамоюлҳои асосии иҷтимоию иқтисодӣ

Соҳаи кишоварзӣ асоси иқтисодиёти ш. Конибодом ба шумор рафта, манбаи асосии таъминоти аҳолӣ бо озуқа, ҷойҳои корӣ ва сарчашмаи даромад мебошад. Асосан заминҳои кишоварзиро барои зироати пахта, хӯроки чорво ва боғҳо истифода мебаранд. Ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолгаштаи кишоварзӣ дар соли 2010 165,5 млн. сомониро ташкил дод. 87%-и маҳсулот ба дӯши растанипарварӣ рост меояд. Чорводорӣ ҳам бахши асосии кишоварзӣ буда, ҳиссаи муқоисавии он бо ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 28%-ро ташкил медиҳад.

*Диаграммаи 1. Шуғли аҳолӣ дар соҳаҳо*




Солҳои охир дар шаҳр пастравии ҳосилнокии пахта, сабзавот, мевагиҳо ба назар мерасад, ки сабабҳои он дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии заминҳо, киштгардонии нодуруст, сатҳи пасти таъминот бо захираҳои моддӣ-техникӣ, сифати пасти маводҳои тухмӣ ва кӯчатӣ, нокифоягии заминҳо барои хӯроки чорво, маҳдудияти чарогоҳҳои тобистона ва зимистона, ташкили сусти нуктаҳои бойторӣ, вуҷуд надоштани нуктаҳои қабул ва коркарди пашму пӯст, инчунин нуктаҳои махсус барои забҳи чорво ва партовҳои он, набудани дастгирии иттилоотӣ-маслиҳатдиҳӣ ба ХД, масъалаҳои дигаргуншавии иқлим мебошад.

*Ҷадвали 5. Ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолгардидаи соҳаҳои гуногун дар соли 2010 (ҳаз. сомонӣ ва ифода бо фоиз)*

| № | Нишондодҳо | 2010 | Бо % |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолгардида (муқоисавӣ) | 93142,7 | 16,6% |
| 2 | Истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии халқ | 42510,6 | 7,6% |
| 3 | Сохтмон | 860,0 | 0,2% |
| 4 | Гардиши моли чакана (муқоисавӣ) | 164628,2 | 29,4% |
| 5 | Хизматрасонии пулӣ (муқоисавӣ) | 93024,3 | 16,6% |
| 6 | Ҳаҷми умумии истеҳсоли кишварзӣ | 165503 | 29,6% |
| | Ҳамагӣ: | 559668,8 | 100% |

Дар шаҳр 17 корхонаҳои саноатӣ фаъолият доранд, ки дар онҳо асосан маҳсулот аз ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсол мегардад. Дар соли 2010 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбати соли 2008 25,9% афзудааст. Ба рушди иқтидори иқтисодӣ мавҷудияти шохаҳо ва роҳҳои оҳан, наздикӣ ба роҳи нақлиётии Душанбе-Хуҷанд-Конибодом, сарҳадӣ умумӣ бо Ӯзбекистон ва Қирғизистон мусоидат мекунанд.

Дар сохтори соҳавӣ ҷои махсусро истеҳсолоти коркарди пахти, нафт, соҳаи мошинасозӣ (аз он ҷумла таъмири вагонҳо ва истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии нақлиёт ва механизмҳои кишоварзӣ) ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ишғол мекунанд. Баъд аз барҳам хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр корхонаҳо алоқаи хоҷагии худро бо таъминкунандагон ва бозори фурӯш талаф доданд. Аз ҳамин сабаб бисёри корхонаҳо маҷбур шуданд ҳаҷми истеҳсолот ва шумораи коргаронро кам кунанд. Ин омил ба бекор мондани аҳолии қобили меҳнати ш. Конибодом сабаб гашт.

Солҳои охир СХМ аҳолиро бо ҷойҳои корӣ таъмин мекунад. Мушкилотҳои асосие, ки ба рушди СХМ монеагӣ мекунад - сатҳи пасти дониши ҳуқуқии онҳо оиди масъалаҳои ташкили соҳибкорӣ ва маркетинг, гаронии фоизҳои қарзҳои бонкӣ, мавҷуд набудани хизматрасониҳо оиди дастгирии ҳуқуқӣ ва рушди иқтидор мебошанд.

Гарчанде, ки имрӯз 20% буҷаи маҳаллӣ ба тандурустӣ сарф мегардад, сатҳи пасти маҳлаггузорӣ барои ҳалли масъалаҳои соҳа монегӣ мекунад. Дар шаҳр, аз сабаби паст будани сатҳи саломатии модар, нокифоягии чорабиниҳо оид нигоҳубини пас аз ҳомиладорӣ, сари вақт муроҷиат накардани модарон ба муассисаҳои тиббӣ фавти модару кӯдак дида мешавад. Дар ноҳия аз сабаби бесифат будани оби нӯшокӣ афзоиши БРМ дида мешавад, инчунин дар шаҳр бо сабаби сари вақт муроҷиат накардани аҳолӣ ба муассисаҳои тиббӣ, иттилоотнокии пасти аҳоли дар бобати пешгирии бемориҳо ва ТҲС БШРН, бемориҳои сактаи дил, фишорбаландӣ ва саратон (асосан байни занон) паҳн шудааст.

Дар соли 2011 дар шаҳр ва ҷамоатҳои он 11 боғчаҳои бачагона, 54 мактаб, аз он 5-мактаби таълимоти асосӣ, 48-мактаби миёнаи умумӣ, интернати солимгардонӣ, гимназия, литсей, комбинати таълимӣ-касбӣ, муассисаи маълумоти иловагӣ, мактаби хусусии ба номи Р.Ҷӯраев, маркази маълумоти иловагӣ фаъолият менамоянд. Инчунин дар шаҳр 5 муассисаҳои маълумоти миёнаи махсус, ки дар он мутахассисони соҳаи маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, саноати сабук ва дӯзандагӣ омода мешаванд фаъолият менамоянд.

Мушкилоти асосии муассисаҳои таълимӣ аз зеринҳо иборат мебошанд, аз ҷумла: таҷҳизонидани техникии боғчаҳои бачагона, нокифоя будани маводҳо барои гузаронидани таъмири ҷорӣ ва асосии муассисаҳо, номувофиқатии системаи гармидиҳӣ дар фасли зимистон, сатҳи пасти таъминоти муассисаҳо бо оби нӯшокӣ, нарасидани маводҳо ва воситаҳои таълимии махсус, норасогии кадрҳо.

Аз рӯи нишондодҳои Раёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолии ш. Конибодом дар соли 2010 шумораи умумии нафақахӯрон ба 16 622 нафар расида, аз сабаби паст будани ҳаҷми нафақа 5%-и онҳо фаъолияти кории худро идома дода истодаанд. Ҳаҷми миёнаи нафақа дар ш. Конибодом 109 сомони 57 дирамро ташкил медиҳад. Музди меҳнати номиналӣ дар ш. Конибодом ба санаи 01.01.2010 сол 210,41 сомониро ташкил дод. Дар

назди ҳифзи иҷтимоии шаҳр 2 шӯъба оид ба расонидани кӯмаки хонагӣ ба шаҳрвандони пиронсол амал мекунад. Аз ҳисоби буҷаи шаҳр ба кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ёрдампулӣ, инчунин ёрии якваҷта ба шахсони аз садамаи Чернобил азият кашида, иштирокичёни ҶБВ, собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод пардохт карда мешавад.

Дар ш. Конибодом 29 китобхона, 28 хона ва марказҳои фарҳангӣ, театри мусиқавӣ-драмавӣ ба номи Т.Фозилова, мактаби санъати бачагона, гурӯҳи эҷодии «Шашмақом», гурӯҳҳои оилавии Неъматовҳо, Мӯъминовҳо, дастаҳои халқии «Хоҳаракон», «Бибиҷон», гурӯҳи «Ромиш», осорхонаи таърихӣ-кишоварзӣ бо филиали Мадрасаи Ойим амал мекунад. Дар шаҳр инфрасохтори варзишӣ рушд ёфтааст, ки аз 146 иншоотҳои варзишӣ, аз ҷумла варзишгоҳҳои «Ҷавонӣ», «Мактаби варзиш», 3 ҳавзи шиноварӣ ва 88 майдончаҳои варзишӣ иборат аст. Дар 40 толори варзишӣ 149 мурабиён аз намудҳои гуногуни варзиш ба иштирокчиёни маҳфилҳои варзиши дарс меомӯзанд.

## 1.6. Биниши ояндаи ш. Конибодом

*Конибодом – гӯшаи арзишманди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дорои шароитҳои мусоид барои ташкили рушди инфрасохтори муосири сайёҳӣ ва фарогат, бахши савдо ва хизматрасонӣ, иқтидорҳои саноатии муосир ва муҳити тозаи экологӣ, системаи самараноки идоракунии захираҳои обу замин, шабакаҳои муассисаҳои иҷтимоӣ аст. Конибодом дорои шабакаи тараққикардаи корхонаҳои агросаноатӣ буда, маркази робитаҳои иқтисодию тиҷоратие мебошад, ки ҷиҳати ҳамгироӣ ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ байни халқҳои водии Фаргона ва Осиёи Миёна кӯмак мерасонад.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди маҳал, бо назардошти имкониятҳои беруна ва хатарҳои дохилӣ бо иштироки васеи шаҳрвандон таҳия гаштааст.

*Таҳлили ш. Конибодом (SWOT). Тарафҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва хатарҳо*

| | | |
|---|---|---|
| Омилҳои дохилӣ | **Тарафҳои қавӣ**<br>• Мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ ва мутахассисони баландихтисос;<br>• Мавҷудияти корхонаҳои азими саноатӣ;<br>• Таҷрибаи пешқадам ва фазои мусоиди рушди соҳаи кишоварзӣ;<br>• Захираҳои канданиҳои фоиданоки табиӣ ва ашёи хом барои истеҳсоли маводҳои сохтмонӣ;<br>• Шароитҳои мусоиди табиӣ барои рушди сайёҳӣ;<br>• Имкониятҳои мусоид барои соҳибкории инфиродӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ;<br>• Ҳамкории мақомоти давлатӣ бо соҳибкорон ва аҳолӣ дар корҳои вобаста ба рушди шаҳр;<br>• Иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ;<br>• Мардуми меҳнатдӯст;<br>• Мавҷудияти инфрасохтори муҳандисӣ. | **Тарафҳои заиф**<br>• Дар масофаи дур аз пойтахт воқеъ будани ш. Конибодом ва маҳдудияти бозори дохилӣ;<br>• Норасогии ҷойҳои корӣ;<br>• Фарсудагии техникаи корхонаҳои саноатӣ ва аграрӣ;<br>• Фарсудагии иншоотҳои инфрасохторӣ;<br>• Нокифоягии сармоягузорӣ барои рушди иқтисодиёту соҳаи иҷтимоиёт;<br>• Норасогии оби полезӣ ва корношоямии пурраи чоҳҳои амудии мелиоративӣ;<br>• Сатҳи пасти музди меҳнат;<br>• Рушди сусти инфрасохтори сайёҳӣ;<br>• Ба фурӯш мондани нахи пахта бе коркарди амиқ. |
| Омилҳои беруна | **Имкониятҳо**<br>• Мавҷудияти роҳи оҳани наздиктарин ва инфрасохтори нақлиёти ҳавоӣ;<br>• Сарҳади умумӣ бо Ӯзбекистон ва Қиргизистон;<br>• Рушди соҳибкорӣ дар кишвар;<br>• Ислоҳоти соҳаи манзилию комуналӣ;<br>• Ҳавасмандии Ҳукумати ҶТ барои ҷалби сармоя бо мақсади барқарорсозӣ ва таъсиси корхонаҳои нав;<br>• Ислоҳотҳо дар соҳаи кишоварзӣ;<br>• Ислоҳотҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ;<br>• Мавҷудият ва фаъолияти лоиҳаҳои маҳаллӣ. | **Хатарҳо**<br>• Истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ аз ҷониби ноҳияҳои ҳаммарз;<br>• Ҳолатҳои фавқулода;<br>• Таъсири манфии бӯҳрони молиявӣ;<br>• Муҳоҷирати меҳнатии мутахассисони баландихтисос ба хориҷи кишвар;<br>• Эпидемия ва пандемия;<br>• Низоъ. |

# 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ШАРҲИ СТРАТЕГИЯИ СОҲАҲО

## 2.1. Иқтисодиёт

### 2.1.1. Соҳаи кишоварзӣ

Кишоварзӣ асоси иқтисодиёти шаҳри Конибодом мебошад. Мушкилоти асосӣ ва марказии шаҳр ба сатҳи пасти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд аст.

***Намудҳои ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ.*** Пас аз гузаронидани ислоҳоти замин дар солҳои 2000-2009 ба ҷои собиқ колхозҳои дар ҳудуди шаҳр вуҷуддошта, зиёда аз 120 хоҷагиҳои деҳқонӣ, 8 ассотсиатсия ва ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ташкил гардиданд. Ба онҳо барои истифодаи якумра зиёда 86,4% заминҳои умумӣ ҷудо карда дода шудааст.

Солҳои охир дар соҳаи кишоварзӣ намудҳои нави самарабахши хоҷагидорӣ ҷорӣ шуда истодаанд, ки ба шароитҳои муосири иқтисодӣ ҷавобгӯй мебошанд. Дар ин радиф дар заминаи хоҷагиҳои коллективии деҳқонӣ, хоҷагиҳои инфиродӣ ва оилавӣ ташкил шуда истодааст. Чуноне, ки нишондиҳандаҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ба санаи 1 декабри 2010 сол дар қаламрави шаҳр зиёда аз 2270 хоҷагиҳои оилавӣ ва инфиродӣ таъсис шудааст. Айни замон, раванди муттаҳидшавии хоҷагиҳои инфиродӣ ба ассотсиатсияҳо идома дорад. Дар ҳудуди шаҳр 2 ассостсиатсия ба қайд гирифта шудааст.

***Истифодабарии замин***. Аз 82894 гектар масоҳати умумии мавҷудбудаи замини ш. Конибодом 32% (ё 26469гектар) барои кишти зироатҳои кишоварзӣ ҷудо карда шудааст, ки ҳамаи он заминҳои обӣ мебошанд.

*Диаграммаи 2. Сохти истифодабарии замин*




Масоҳати умумии заминҳои наздиҳавлигӣ 3540 гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 82.3% заминҳои обӣ мебошад. Заминҳои наздиҳавлигӣ 13.4% заминҳои киштшавандаи кишоварзиро ташкил медиҳанд. Дар шаҳр 11600 оила бо заминҳои масоҳаташон 10 сотиқ (заминҳои президентӣ) заминҳои ёрирасон таъмин карда шудаанд.

*Ҷадвали 6. Категорияҳои замин*

| № | Категорияҳои замин | Миқдор га |
|---|---|---|
| 1 | Зироатҳои кишоварзӣ (аз ҷумла чарогоҳҳо) | 26469 |
| 2 | Минтақаҳои наздиҳавлигӣ | 3540 |
| 3 | Заминҳои Президентӣ | 1159 |
| 4 | Ҷангал ва буттазор | 1051 |
| 5 | Заминҳои зери обӣ | 26141 |
| 6 | Роҳҳо ва роҳҳои чорвогузар | 1213 |
| 7 | Заминҳои зери бино ва иншоотҳо, кӯчаҳо ва майдонҳо | 1592 |
| 8 | Дигар заминҳо | 21729 |
| Ҳамагӣ: | | 82894 |

Заминҳои кишоварзӣ асосан барои кишти пахта, боғҳо ва кишти зироатҳои хӯроки чорво ҷудо гардидаанд.

*Диаграммаи 3. Истифодабарии майдонҳои кишт*




Дар солҳои охир ҳаҷми хоси майдонҳои барои кишти пахта ва зироатҳои барои хӯроки чорво ҷудогардида кам шуда, ҳаҷми умумии майдонҳои барои боғҳо, ғалладонагиҳо, сабзавот ва полезӣ ҷудо гардида, афзудааст. Сабаби камшавии майдони кишти пахта, дар навбати аввал ба арзон будани нархи пахта дар бозорҳои ҷаҳонӣ дар солҳои 2008-2009 алоқаманд буд, ки дар натиҷаи он самаранокии пасти истеҳсолот, пастшавии ҳосилнокӣ бо сабаби дар ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративӣ қарор доштани заминҳои кишоварзӣ (сатҳи баланди ботлоқшавӣ ва шӯршавӣ, эрозияи замин) мушоҳида гардид.

Дар охири 2010 сол бо сабаби дар бозорҳои ҷаҳонӣ якбора боло рафтани нархи пахта, майдони кишти пахта зиёд гардид. Дар алоқамандӣ ба омили мазкур дар соли 2011 майдони кишти пахта то 1200гектар зиёд карда шуд.

*Диаграммаи 4. Ҷараёни инкишофи тағирёбии истифодаи майдонҳои кишт (га)*




***Нақши кишоварзӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Соҳаи кишоварзии ш. Конибодом бахши муҳими таъминкунандаи аҳолии ноҳия бо маводи озуқаворӣ, чойҳои корӣ ва манбаи гирифтани даромад мебошад. Дар ш. Конибодом дар соҳаи кишоварзӣ 70% аҳолии қобили меҳнат (6000 нафар, ки аз он 55%-ро занон ташкил медиҳанд) машғул мебошанд. Ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолгардидаи кишоварзӣ дар соли 2010 - 165,5 млн. сомониро ташкил дод (аз он ҷумла растанипарварӣ-71% ва чорводорӣ-29%). Қобили қайд аст, ки ҳиссаи соҳаи мазкур 37,2%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолгаштаи шаҳрро ташкил медиҳад. Аз рӯи нишондиҳандаҳои расмӣ дар соҳаи кишоварзӣ 40% хоҷагии аҳолӣ (асосан дар бахши боғдорӣ, сабзавоткорӣ ва парвариши полезӣ) машғул аст. Ҳамзамон, 87% ҳиссаи маҳсулоти дар соҳаи растанипарварӣ истеҳсолгардида ба дӯши сохтори хусусӣ (х/д оилавӣ ва инфиродӣ, хоҷагиҳо ва қитъаҳои президентӣ) рост меояд. 13% он бошад ҳиссаи сектори ҷамъиятӣ (х/д коллективӣ) ба шумор меравад.

*Диаграммаи 5. Маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолгардидаи растанипарварӣ (тонна)*




Таҳлил нишон медиҳад, ки афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолгардидаи кишоварзӣ асосан аз ҳисоби зиёд намудани майдони барои кишти зироатҳо ҷудогардида ба вуҷуд меояд, аммо дар баъзе ҳолатҳо афзоиши ҳаҷми маҳсулот аз ҳисоби афзоиши ҳосилнокӣ, асосан дар бахши боғдорӣ, картошкапарварӣ, полезиҳо ва зироатҳои хӯроки чорво рӯй медиҳад.

*Ҷадвали 7. Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (с/га)*

| Ҳосилнокӣ с/га | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Пахта | 18,2 | 20,6 | 19,8 |
| Ғалладонагиҳо | 19,5 | 23,1 | 23,3 |
| Сабзавот | 143,5 | 165,6 | 131,6 |
| Полезӣ | 67,6 | 53,4 | 66,2 |
| Картошка | 84,7 | 85,3 | 154,6 |
| Меваҷот | 9,9 | 11 | 12,3 |
| Хӯроки чорво | 80 | 84 | 96 |

Дар солҳои охир нисбати солҳои 2008-2009 пастшавии ҳосилнокии сабзавот аз 8 то 20% ба назар мерасад. Зиёдшавии истеҳсолот асосан аз ҳисоби зиёд намудани майдонҳои истеҳсоли сабзавот ба вуҷуд омадааст. Пастшавии ҳосилноки дар соҳаи пахтакорӣ низ ба назар мерасад. Сабабҳои асосии пастшавии ҳосилнокӣ дар соҳаи кишоварзӣ, хусусан парвариши пахта, дар навбати аввал ба ҳолати ғайриқаноатбахши мелиоративии заминҳо, тарзи нодурусти киштгардон, таъминоти нокифояи захираҳои моддию техникӣ, сифати пасти маводҳои киштшаванда ва тухмӣ, сатҳи пасти самаранокии заминҳои кишт, норасогии мутахассисони касбӣ, фаъолияти алоҳидаи хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ, дастрас набудани технологияҳои агротехникии муосир, нархи гарони сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, нуриҳои минералию захрхимикатҳо, норасогии техникаи кишоварзӣ ва бесифат гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, мавҷуд набудани дастгирии машваратию иттилоотӣ ва масъалаҳои тағирёбии иқлим вобаста мебошад.

Монеаҳои асосии рушди пахтакорӣ дар солҳои охир сатҳи баланди қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор дар назди хоҷагии об, мақомоти андоз, тағирёбии нархи пахта ва чун натиҷа пастшавии даромад ва набудани ҳавасмандии хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошад. Ба рушди соҳа бошад, омилҳои аз эътибор соқит намудани қарзи хоҷагиҳои пахтакорӣ дар соли 2007, мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №111 ва баланд шудани нархи пахта мусоидат намуданд.

*Ҷадвали 8. Сохти қарздории ХД дар соли 2010 (ҳазор. сомонӣ)*

| № | Нишондодҳо | 2010 |
|---|---|---|
| 1 | Қарздорӣ барои хизмати истифодабарии об | 3249,7 |
| 2 | Қарздорӣ дар бахши музди меҳнат | 0 |
| 3 | Қарздорӣ дар бахши андоз ва пардохт | 1485,5 |
| 4 | Қувваи барқ | 451,7 |
| 5 | Қарздорӣ дар назди ташкилотҳои молиявӣ | 3586,1 |
|  | Ҳамагӣ: | 8773,0 |

Нишондиҳандаҳо шаҳодат медиҳанд, ки дар солҳои охир афзоиши назарраси истеҳсоли картошка, ки ба 135% зиёд намудани майдони кишти он ва 100% афзудани ҳосилнокии он алоқаманд аст, ба назар мерасад. Афзоиши истеҳсоли картошка аксар вақт ба самаранокии иқтисодӣ (даромад аз он) ва мавҷудияти талабот ба ин маҳсулот, иртибот дорад. Мушкилоти асосии соҳаи мазкур ба номутобиқатии идоракунии захираҳои обӣ ва ҳолати бади мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, мавҷуд набудани мубориза мутташаккилона бар зидди ҳашаротҳои зараррасон ва ғ. мебошад.

***Богдорӣ.*** Дар чорчӯбаи «Барномаи давлатии рушди боғдорию ангурпарварӣ ва парвариши ниҳолҳои сояафкану мевадиҳанда дар ҶТ барои солҳои 2007-2010», танҳо дар тӯли 2 соли охири 2009-2010 дар ҳудуди шаҳр зиёда аз 828,4гектар боғи нав бунёд карда шуд, ки аз он 751,8гектар ба дарахтони мевагии донакдор рост меояд. Ин омил дар оянда ба 1200 тонн (аз рӯи ҳосилнокии 12,3 й/га) афзудани истеҳсоли меваҷот мусоидат менамояд.

Аз 8817га майдони умумии дарахтони бисёрсола, 8303 гектарашро боғҳо, 68 гектарашро токзорҳо ва 442 гектари онро тутзорҳо ишғол менамоянд. Аз масоҳати умумии қитъаҳои наздиҳавлигӣ, 1683 гектари он аз дарахтони бисёрсола иборат аст. Дар радифи растанипарварӣ ва ангурпарварӣ барои хоҷагиҳои ш. Конибодом парвариши зардолу аҳамияти махсус дорад. Бинобар он 90% боғҳои мавҷударо зардолузор ташкил менамояд.

Аз қарни асрҳо ш. Конибодом бо зардолуҳояш, ки ба Ҳиндустон, Руссия ва Аврупо содирот карда мешуд, шӯҳрат дорад. Анъанаи мазкур то имрӯз давом дорад. Айни ҳол, зардолуи истеҳсолшуда ба Руссия, Қазоқистон, Украина ва ба кишварҳои назди баҳри Балтика фиристода мешавад. Дар соли 2010 дар ш. Конибодом 10393 тонна навъҳои гуногуни мева, аз ҷумла 9425 тонна зардолу истеҳсол гардид. Аз тамоми ҳосили зардолуи истеҳсолгардида аз се як ҳиссаи он коркард мегардаду халос. Ҷиҳати зиёд намудани сатҳи даромаднокии хоҷагиҳои фермерӣ дар доираи Лоиҳаи Хоҷагии Кишоварзии Сермаҳсул, ки USAID маблағгузорӣ намудааст, барномаи омӯзонидани роҳбарони хоҷагиҳои фермерии ш. Конибодомро оид ба технологияи туркии фаъолияти ҳосилғундории зардолу шурӯъ намуд, ки он раванди ҷамъоварии ҳосил ва хушконидани онро тавассути технологияи нав дар бар мегирад.

Дар рушди боғдорӣ ва кишоварзии ноҳия ҷорӣ намудани «хушккунакҳои офтобӣ» дар вақти хушк намудани меваҷот, аз он ҷумла зардолу, мақоми хоса дорад. Таҷрибаи мазкур дар дигар ноҳияҳои вилояти Суғд, ба монанди Спитамен, Ҷ.Расулов ва дигарҳо истифода бурда мешавад. Сохтмони гармхонаҳо самти афзалиятнок дар ҳамин сохтор ба ҳисоб рафта, барои нигоҳдории ҳосил, даромади аҳолии маҳал, хоҷагиҳои манзилӣ ва рушди иқтисодиёти ноҳия манфиат мерасонад.

Мушкилотҳои асосие, ба рушди соҳаи меваю сабзавот таъсир намуда ба талафоти маҳсулот оварда мерасонанд бо таври зайл шарҳ дода шудаанд: – нархи гарони сӯзишворию равғанҳои молиданӣ (СРМ) ва заҳркимёҳо, мубориза набурдан бар зидди ҳашароти зараррасон, маҳдудияти бозори фурӯш, таҷҳизоти коркарди фарсудагаштаи корхонаҳои мавҷуда, норасогии техникаҳои кишоварзӣ ва сифати пасти гузаронидани чораҳои агротехникӣ, норасогии дастгирии иттилоотию машваратӣ, ҳолати ғайриқаноатбахши обёрии боғҳо, набудани технологияи коркард ва хушкгардонидани маҳсулоти меваю сабзавот.

Дар шаҳр ташкилотҳое, ки хизматрасониҳои иттилоотию машваратӣ мерасонанд, вуҷуд надоранд. Машваратро оиди масъалаҳои кишоварзӣ, ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, му-

тахассисони ассотсиатсияҳои мавҷуда пешниҳод менамоянд, ки онҳо ба талаботҳои муосир мутобиқ нестанд. Бозори пешниҳоди хизматрасониҳо оиди таъминоти воситаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ умуман вуҷуд надорад. Омили дигари муҳиме, ки ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсири бевосита мерасонад, ин сатҳи пасти дастрасии хоҷагиҳо ба қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат мебошад.

***Низоми обёрӣ.*** Обёрии заминҳо ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии онҳо, омили асосии муайянкунандаи рушди соҳаи кишоварзӣ ва ба ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ таъсиррасонанда мебошад. Аз таҳлили соҳаи номбурда бармеояд, ки заминхои киштшавандаи ш. Конибодом дар ҳолати мелиоративии ғайриқаноатбахш қарор доранд. Дар соли 2010 майдони тамоми заминҳои обёришавандаи ш. Конибодом ҳамагӣ 23764 гектарро ташкил дод, ки аз он 6500гектар бо ёрии истгоҳҳои обкашие, ки обро аз Сирдарё мегиранд обёрӣ гашта, 17264гектар бо воситаи системаи обёрии худҷории канали калони Фарғона ва дарёи Исфарасой обёрӣ мешаванд.

*Ҷадвали 9. Иншоотҳои обтаъминкунӣ*

| № | Номгӯи каналҳо | Шумораи иншоотҳои обтаъминкунӣ | Дарозии каналҳо | |
|---|---|---|---|---|
| | | | км | Аз он тозашуда, км |
| 1 | Канали калони Фарғона | 102адад | 55.5 | 16.2 |
| 2 | Канали бетонии Конибодом | 6адад | 13.1 | Тоза намешавад |
| 3 | Чорарик | 8адад | 7.0 | Тоза намешваад |

Дар соли 2008 майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш 6021гектарро ташкил медод. Дар чорчӯбаи татбиқи Лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ «Идоракунии захираҳои обии водии Фарғона», ки Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузорӣ менамояд, 1212 гектар замин барқарор карда шуд.

*Диаграммаи 6. Ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда*




Мутобиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо дар шаҳри Конибодом барои солҳои 2010-2014, ки Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Раёсати давлатии хоҷагии оби вилояти Суғд тасдиқ намудааст, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии 1960гектар замин ба нақша гирифта шуда буд. Аз он дар соли 2010 бо ҷои 390гектар, ҳолати мелиоративии 400гектар замини обёришаванда, ки аз ҳисоби буҷаи ш. Конибодом ва хизматрасониҳои обтаъминкунӣ маблағгузорӣ карда шуда буд, беҳтар гардид.

Айни ҳол майдони заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш 5054 гектарро ташкил медиҳанд, ки 1543 гектари он заминҳои шӯршавиашон аз меъёри муқаррааргардидаи 3 мг/л зиёд мебошанд. Заминҳои шӯр 6627гектар (с.2011), заминҳои ботлоқшуда бошад 25 гектарро ташкил додааст.

Тибқи нишондодҳои оморӣ ШКЗ-ҳои дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарордошта (лой пуршуда) 52,6%-ро ташкил медиҳанд, махсусан шабакаҳои байнихоҷагӣ мебошанд.

Қобилияти интиқолии ШКЗ даҳҳо маротиба кам гаштааст. Аз 119 адад чоҳҳои амудии заҳбурӣ танҳо 40 ададаш коршоям аст ва онҳо ба ҷои 24 соат ҳамагӣ 7-7,5 соат/шабонарӯз (~30%) фаъолият менамоянд.

*Ҷадвали 10. Корҳои дар доираи Лоиҳаи БҶ «Идоракунии захираҳои обии води Фарғона дар солҳои 2007-2010 иҷрошуда*

| № | Номи иншоот | Воҳиди ченак | Шумора | Иҷроиш |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тоза намудани заҳбӯрҳои-и кушодаи байнихоҷагӣ | Км | 55.5 | Иҷро шудааст, марҳилаи дуюми он оғоз гардид. |
| 2 | Чоҳҳои заҳбурии амудӣ | Адад | 82 | 49 адад иҷро шудааст. Кор идома дорад. |
| 3 | Таҷдид ва барқарорсозии пойгоҳҳои обкашии Маҳрам 1, Пойменная, 60 солагии Октябр ва Ҷигдалик (Нур), Д-1, Д-2, Д-4, Д-5, Д-6, Д-7, Яккатерак ва Новостройка. | Адад | 9 | Маҳрам, Пойменная, Д-1 пурра барқарор гашта, ба истифода дода шуданд. Дар Яккатерак ва Новостройка корҳо идома доранд. |
| 4 | Бетон намудани Канали калони Фарғона дар мавзеи ҷамоати Лоҳутӣ барои ҷойгир намудани полудашавии (филтратсия) об. | Км | 10 | 6.5км иҷро шуд Кор идома дорад. |
| 5 | Таъмири иншоотҳои гидротехникӣ ва бастҳои обӣ | Адад | 102 | 46 адад таъмир. Кор идома дорад. |
| 6 | Барқарорсозии дамбаҳои соҳилмуҳофизаткунандаи обан бори Қайроққум дар мавзеи «Беш Бош» | Км | 3.2 | Пурра барқарор карда шуд. |

Сабабҳои асосии ҳолати мазкур чунин омилҳо мебошанд: баъд аз барҳам хӯрдани колхозҳо ва ташкил шудани хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ дар муддати 10-15 сол шабакаҳои заҳбурию қубурии дохили хоҷагӣ (ШКЗ), ки дар тавозуни АХД қарор доранд, тоза карда нашудаанд. ШКЗ-ҳои махкамшуда, бо сабаби набудани захираҳо қариб, ки аз кор баромаданд, қарзи АХД аз муносибатҳои фючерӣ, пардохти андозҳо, набудани муттахассисони гидротехникӣ ва ҳолати бади заминаи моддию техникӣ ва ғайра, ки ба баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, ботлоқшавӣ ва бад шудани сатҳи шӯрнокии замин таъсир расонид ва мусоидат намуд.

Заминҳоие, ки дар соҳили обанбори Кайроқум ҷойгир мебошанд фишори иловагиро аз ҳисоби танбаи оби он эҳсос менамоянд, ки ин ҳолат ба бад шудани ҳолати экологӣ ва мелиоративи оварда расонидаастю

Сарбанди обанбори дарозиаш 25км дар ноҳияи Конибодом дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад. 14,5км ё 58% аз дарозии дар ин ноҳия буда, эҳтиёҷи барқарорсозиро дорад. Ҳаҷми оби обанбор ҷараёни иловагии обҳои зеризаминиро ташкил медиҳад. Аз ҳамин сабаб хатари дар зери об мондани майдони заминҳои 4,0 ҳазор га вуҷуд дорад.

Дар қисми болои обанбори Қайроққум ҷамъшавии пеститсидҳо (тақрибан 1 млн. $м^3$) ба назар мерасад, ки дар натиҷаи таҳлили об муайян гаштааст. Инчунин раванди оҳиста-оҳиста лойқашавии обанбор мушоҳида карда мешавад. Дар қисми болоӣ лойқашавии 3,3 ҳазор $м^3$ ташкил карда, 30,8% обанбор ба майдони буттазор табдил ёфта истодааст. Ин ҳолат ба муҳити зисти маҳали мазкур, хусусан ба биогуногунӣ обанбор таъсири манфии худро мерасонад. Айнан дар ҳамин қисми обанбор моҳиҳо афзоиш ёфта, хатари нест шудани моҳиҳои ба Китоби Сурх дохилгардида (шип, лҷелопатаноси сирдарёгӣ, ҷерих-лихач, усачи аралӣ) шуданаш мумкин аст. Пойгоҳҳои обкашии дар ҳудуди обанбор ҷойгиршуда, бо таҷҳизотҳои моҳӣ-муҳофизаткунанда муҷаҳҳаз нестанд, ки ин омил раванди такроритеҳсолии захираи моҳиро боз ҳам душвортар мегардонад.

Харобшавии захираҳои заминӣ аз ҳисоби самаранок истифода нашудани захираҳои обӣ афзуда истодааст. Талафоти об ҳангоми интиқоли он ба истифодабарандагон (хоҷагиҳои кишоварзӣ) тақрибан 30%-ро (2004-2010с.) ташкил медиҳад, ки сабаби

он заминӣ будани шабакаҳои обёрӣ мебошад. Ғайр аз ин истифодабарандагон оби дастрасшударо ғайрисамаранок, бе риояи меъёри обдиҳӣ новобаста ба шакли маҳсулоти кишоварзӣ, таркиби хок, хислати маҳал ва ғ. истифода мебаранд.

Дар беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ нақши назаррас ба Идораи давлатии хоҷагии оби ш. Конибодом (ИДХО) ҷудо гардидааст.

*Ҷадвали 11. Иншоотҳои мелиоративии дар тавозуни Идораи давлатии хоҷагии об (ИДХО) ва Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонон АХД қарордошта.*

| № | Номи ташкилот | ИДХО | АХД |
|---|---|---|---|
| 1 | Пойгоҳҳои обкашии обёрикунанда | 7адад | |
| 2 | Пойгоҳҳои обкашӣ барои кашидан ва партофтани партовобҳо | 7адад | |
| 3 | Чоҳҳои амудии заҳбурӣ | 108адад | 22адад |
| 4 | Шабакаи заҳбурию қубурии кушода | 80.44км | 354км |
| 5 | Шабакаи заҳбурию қубурии пӯшида | | 201км |
| 6 | Канали калони Фарғона | 55.5км | |
| 7 | Канали бетонии Конибодом | 13.1км | |
| 8 | Чорариқ | 7.0км | |

Айни ҳол, барои баланд бардоштани сифати хизматрасонии ИДХО як қатор омилҳо монегӣ мекунанд, аз ҷумла: қарзи зиёди хоҷагиҳо аз рӯи хизматрасониҳои обрасонӣ, ки сабаби қарздории зиёди ташкилот аз нерӯи барқ (3 млн. сомонӣ) гаштааст, маҳдудияти таъминоти барқ дар вақти тирамоҳу зимистон, норасогӣ ва фарсудагии техника (самосвал, автокран, механизмҳои коркарди замин).

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир дар ин ҷода тамоюли мусбии пардохти қарзхои хоҷагиҳо барои хизматрасониҳои обтаъминкунӣ ба назар мерасад.

*Диаграммаи 7. Қарздорӣ дар назди ИДХО ва пардохти арзиши хизматрасониҳои соҳаи обтаъминкунӣ ба хоҷагиҳои ш. Конибодом*




Ба хоҷагиҳои ш. Конибодом 8 Асотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) хизмат мерасонанд. Мутахассисони маҳаллӣ чунин меҳисобанд, ки барои фаъолияти самараноки АИО ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ, зарур аст, ки ШКЗ-ҳо (кушода ва пӯшида) қисман ба тавозуни АИО-и фаъолияташон устувор гузаронида ё ин, ки ба ИДХО дода шавад.

*Ҷадвали 12. Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) - и ш. Конибодом*

| № | Номи ташкилот | Номи АИО | Соли таъсиси АИО | Муассис | Майдони хизматрасонӣ (га) | Арзёбии фаъолияти АИО |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | АХХ Патар | «Дашти обод»<br>«Боғбон» | 2008<br>2005 | МИЛ ИЗОВВ<br>АКТЕД | 1762<br>186 | Қаноатбахш<br>Хуб |
| 2 | ҶС Э. Бойматова | «Работи Конибодом»<br>«Сафо» | 2005<br>2010 | АКТЕД<br>ЮСАИД | 741<br>250 | Хуб<br>Хуб |
| 3 | АХД Ирам | Ташкили 2 АИО ба нақша гирифта шуд | 2011 | Лоиҳаи БРСМ «Канали об» | | |
| 4 | АХД М. Назаров | - | - | - | | |
| 5 | АХД Н. Қарабоев | «Элёр» | 2009 | АКТЕД | 1766 | Ғайриқаноатбахш |
| 6 | АХД Тоҷикистон | «ККК» | 2008 | МИЛ ИЗОВФ | 2376 | Қаноатбахш |
| 7 | АХХ Дӯстӣ | «Деҳқон» | 2010 | МИЛ ИЗОВФ | 1540 | Хуб |
| 8 | АХД А. Қодиров №1, №2 | «Мирзомалик» | 2008 | МИЛ ИЗОВФ | 3462 | Хуб |
| | Ҳамагӣ: | - | - | - | 12083 | - |

Мушкилотҳои асосие, ки ба фаъолияти самарабахши АИО алоқаманд ҳастанд, чунин омилҳоро дар бар мегиранд: барқарорсозии иншоотҳои обтақсимкунӣ, тоза намудани шабакаҳои обтақсимкунанда (554км), созмон додани 116 адад нуқтаҳои обтақсимкунӣ, мустаҳкамкунии каналҳои обёрикунанда бо мақсади қатъ намудани талафоти об.

*Ҷадвали 13. Ҳолати мелиоративии заминҳои обӣ бо назардошти сатҳи обҳои зеризаминӣ (аз ҷумла заминҳое, ки аҳолӣ истифода мебарад)*

| Сатҳи обҳои зеризаминӣ | Майдон, га |
|---|---|
| То 1 м | 203га |
| 1 – 1.5м | 5441га |
| 1.5 -- 2 м | 1547га |
| 2-2.5 | 1491га |
| 2.5-3 | 2017 |
| 3 ва зиёд | 8655 |

***Чорводорӣ.*** Чорводорӣ дар қатори дигар соҳаҳои кишоварзӣ яке аз соҳаҳои муҳим ба шумор рафта, ҳиссаи нисбии он дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 28%-ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 14. Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳид | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт (парранда) | Тн | 1536 | 1586 | 1662,7 | 1678 |
| Шир | Тн | 17444 | 18140 | 18315 | 18544,2 |
| Тухм | ҳаз. Дона | 1968 | 2013 | 2266 | 2463 |
| Пашм | Тн | 320 | 323 | 33,5 | 34,2 |
| Асал | Тн | - | - | - | - |

Дар нохия мувофиқи азнавбақайдгирии гузаронидашудаи хоҷагиҳои шахсӣ, дар шахр 37,1 ҳазор сар чорвои калони шохдор ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла 226,7 ҳазор сар чорвои майда, 214 сар асп ва 46,8 ҳазор мурғ. Аммо қобили қайд аст, ки саршумори чорво ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ нисбати талаботи мавҷудаи аҳолӣ ба ин маҳсулот дар сатҳи паст қарор дорад.

*Ҷадвали 15. Саршумори чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|
| Чорвои калон | 33150 | 34827 | 37094 | 37120 |
| Бузҳо ва гӯсфандон | 25003 | 25935 | 26559 | 26710 |
| Мурғҳо | 30955 | 39685 | 43336 | 46799 |
| Аспҳо | 214 | 209 | 214 | 214 |

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар солҳои охир зиёдшавии ночизи саршумори чорво ба назар мерасад. Дар соли 2010 нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2007 саршумори чорвои калони шохдор 11,9%, буз ва гӯсфандон 6,8% ва мурғ 34% зиёд гаштааст.

Афзоиши саршумори чорво дар бахши хусусӣ, инчунин нестшавии фермаҳои чорводорӣ ба пастшавии самаранокии соҳаи чорводорӣ оварда расонидааст. Мушкилоти асосии соҳаи мазкур айни замон чунин тафсир мегардад: норасогии заминҳои кишт барои зироатҳои хӯроки чорво ҷудошуда, хусусан растаниҳои равғандор, ки барои ғизои чорво пешбинӣ шудааст, нокифоягии нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво, маҳдудияти чарогоҳҳои зимистона ва тобистона, ташкили сусти нуқтаҳои бойторӣ, мавҷуд набудани нуқтаҳои қабул ва коркарди пашм ва пӯст, мавҷуд набудани нуқтаи махсуси забҳи чорво ва коркарди партовҳо.

Дар хоҷагиҳои чорвопарварӣ дар байни чорвои калон ва хурд ҳолатҳои алоҳидаи касалиҳои брутселлёз, эмкор, дар байни паррандаҳои хонагӣ бошад бемории вабо ба қайд гирифта шудааст.

Дар шаҳри Конибодом 1 дармонгоҳи шаҳрии бойторӣ, як дорухонаи бойторӣ ва 8 нуқтаи бойторӣ вуҷуд доранд. Нуқтаи безараргардонии ҳайвонот (барои сӯзонидан ва шустани ҳайвонот, хусусан ҳангоми касалиҳои сирояткунанда) вуҷуд надорад.

Барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, инчунин барои иҷроиши **барномаи** рушди чорводорӣ ва беҳтар намудани зоти чорво, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №501 аз 1 октябри соли 2007, инчунин «Барномаи рушди чорводорӣ ва беҳтар намудани зоти чорвои н. Конибодом» дар ҳудуди шаҳр 7 нуқтаи бордоркунии сунъии ҳайвонот ташкил карда шуд.

Солҳои охир дар қаламрави шаҳри Конибодом рушди соҳаи занбӯри асалпарварӣ низ ривоҷ ёфта, Ассотсиатсияи занбӯри асалпарварон ташкил карда шуд. Дар Ассотсиатсия мазкур беш аз 15 занбӯрпарварон шомил буда, шумораи оилаҳои занбӯрӣ ба 400 адад расидааст. Айни ҳол мушкилии асосии занбӯрпарварон – нарасидани занбӯрони баландсифат ва дастнорас будани қарзҳои камфоизу дарозмуддат мебошад.

***Таъминот бо техникаи кишоварзӣ.*** Яке аз мушкилиҳои асосии соҳаи кишоварзӣ, ҳолати ғайриқаноатбахши механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ мебошад.

Баъди хусусигардонии муассисаи давлатии «Агропромтехснаб» - и ш. Конибодом тамоми техникаи кишоварзии мавҷуда ба тавозуни хоҷагиҳои деҳқонии коллективӣ гузашт. Фаъолияти ғайриқаноатбахши АХД, норасогии мутахассисони соҳиб-ихтисос, маҳдудияти захираҳои молиявӣ, фарсудагии устохонаҳои таъмирӣ, сифати пасти сӯзишворию равғанҳои молиданӣ (СРМ), нокифоягӣ ва гаронарзишии қисмҳои эҳтиётӣ, сабаби бад шудани ҳолати техникаи мавҷудаи кишоварзие, ки ба АХД тааллуқ дошт, гардиданд. Дар ноҳия асосан норасогии техникаи кишткунанда, техникаи ҷамъоварандаи хӯроки чорво, техника оид ба муҳофизати растаниҳо ҳис мегардад. Айни ҳол дар тавозуни ХД коллективӣ 492 адад техника мавҷуд мебошад. Дар корхонаҳои саноатӣ, сохтмонию инфрасохторӣ 128 адад ва дар бахши хусусӣ 356 адад тракторҳои кишоварзӣ мавҷуданд. Аз шумораи умумии техникаи дар тавозуни АХД буда 68%-и он дар ҳолати корӣ қарор доранд, ҳол он ки тракторҳои коршоями бахши хусусӣ 85-90%-ро ташкил медиҳанд. Дар соли 2010 аз тарафи АХД ш. Конибодом 18 трактори МТЗ «Беларус» харидорӣ гардид, ки аз он 3 адад дар асоси лизинг, 5 адад дар асоси грантӣ аз ҳисоби кӯмаки техникии ташкилоти байналмилалии «Актед» пешниҳодгардида, дастрас гардидааст. Бо мақсади беҳтар намудани механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ дар соли 2009 дар ҳудуди АХД ба номи Назаров ХД «Кушкак» аввалин бошишгоҳи мошинию тракторӣ (БМТ) ташкил гардид, ки дар тавозуни он 4 трактор ва дигар техникаи

кишоварзӣ мавҷуданд. Бояд қайд намуд, ки БМТ-и мазкур, базаи муосири таъмирӣ надорад. Барои ш. Конибодом вуҷуд надоштани заминаи муосири таъмири техникаи кишоварзии ба талаботҳои муосир ҷавобгӯй, ки дорои тамоми шароитҳо барои хизматрасонии техникаи кишоварзӣ аст, (бо стендҳо ва дигар воситаҳои назорати коршоямии мошинҳои кишоварзӣ) мушкилоти асоситарин ба шумор меравад.

*Ҷадвали 16. Ҳолати техникаи кишоварзӣ (ба 1 январи соли 2011)*

| Номгӯи техникаи кишоварзӣ | Воҳиди ченак. | Ҳамагӣ | Коршоям | % корношоям |
|---|---|---|---|---|
| Тракторҳо | Адад | 492 | 338 | 68.7 |
| Аз ҷумла кишткунанда | Адад | 71 | 48 | 67.6 |
| Автомашинаҳои боркаш | Адад | 135 | 85 | 63 |
| Техникаи ҷамъоваранда | Адад | 11 | 3 | 27,3 |
| Тухмипошакҳо | Адад | 267 | 203 | 76 |
| Достҳо | Адад | 9 | 5 | 56 |
| Алафғундоракҳо | Адад | 1 | 1 | 100 |
| Борборкунакҳо | Адад | 9 | 4 | 44 |
| Комбайнҳои хӯроки чорво ҷамъоваранда | Адад | 9 | 4 | 44 |
| Комбайнҳои силос ҷамъоваранда | Адад | 1 | - | - |
| Комбайнҳои картошка ҷамъоваранда | Адад | - | - | - |
| Тухмипошакҳо | Адад | 85 | 74 | 87,1 |
| Сипор (Плуг) | Адад | 98 | 87 | 88,8 |
| Пресҷамъкунак | Адад | 4 | 2 | 50,0 |

Баробари фарсудашавии техникаи кишоварзӣ, норасогӣ ва гароннархии қисмҳои эҳтиётӣ, СРМ ба афзудани хароҷотҳои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад.

*Ҷадвали 17. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли хоҷагии қишлоқи ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015 (бо ифодаи пулӣ ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с бо %. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Ҳаҷми истеҳсоли хоҷагии қишлоқ | 246877 | 314540 | 320768 | 328078 | 333030 | 134,9 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Растанипарварӣ | 187143 | 248812 | 252544 | 259776 | 262477 | 140,2 |
| Чорводорӣ | 59734 | 65728 | 68224 | 68302 | 70553 | 118,1 |

Мувофиқи дурнамои мазкур ҳаҷми умумии истеҳсоли хоҷагии қишлоқ дар соли 2015 бояд 34,9% нисбати нишондиҳандаҳои 2011 сол (86153,0 ҳазор. сомонӣ) афзун гардад аз он ҷумла: растанипарварӣ 40,2% (ё 75334,0 ҳазор сомонӣ) асосан аз ҳисоби сермаҳсулгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (кам кардани майдонҳои кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ) ва чорводорӣ 18,1%.

*Ҷадвали 18. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли хоҷагии қишлоқи ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015 (бо ифодаи аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с бо %. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ (бо ифодаи аслӣ) | | | | | | |
| Растанипарварӣ | | | | | | |
| Зироати ғалладона – тонна | 5921 | 5980 | 6160 | 6285 | 6475 | 109,4 |
| Аз он ҷумла, гандум – тонна | 3577 | 3596 | 3600 | 3657 | 3739 | 104,5 |
| Пахта – тонна | 14765,0 | 14960 | 14970 | 14980 | 15100 | 101,6 |
| Картошка – тонна | 3427 | 3523 | 3720 | 3813 | 3834 | 111,9 |
| Зироати полизӣ | 1828 | 2250 | 2318 | 2341 | 2387 | 130,5 |

*Ҷадвали 19. Нишондиҳандаҳои дурнамои ҳосилнокии зироатҳои асосии хоҷагии қишлоқи ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с бо %. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Зироати ғалладона – с/га | 23,5 | 24,0 | 24,3 | 24,5 | 25,0 | 106,4 |
| Аз он ҷумла, гандум - с/га | 23,5 | 23,8 | 24,0 | 24,2 | 24,5 | 104,3 |
| Пахта – с/га | 2 0,7 | 20,7 | 20,7 | 20,7 | 20,8 | 101,5 |
| Картошка – с/га | 185,4 | 186,0 | 186,5 | 200 | 210 | 110,5 |
| Сабзавот – с/га | 190,1 | 192 | 195 | 77 | 80 | 107,0 |
| Зироати полизии озуқаворӣ с/га | 74,8 | 75.0 | 76.0 | 77 | 80 | 107,0 |
| Меваҷот – с/га | 18,4 | 18,5 | 18,8 | 19,0 | 19,5 | 106,0 |

*Ҷадвали 20. Нишондиҳандаҳои дурнамои истеҳсоли маҳсулоти ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015 (бо ифодаи аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с бо %. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ бо ифодаи аслӣ | | | | | | |
| Чорво ва парранда бо вазни зинда – тонна | 1682,0 | 1705 | 1730 | 1750 | 1785 | 106.1 |
| Шир – тонна | 18560,0 | 18930 | 19400 | 19690 | 19985 | 107.6 |
| Тухм – ҳазор дона | 2466 | 2500 | 2540 | 2580 | 2630 | 106.7 |
| Пашм бо вазни физикӣ – тонна | 34,0 | 34,9 | 35 | 35,1 | 40,0 | 117,6 |
| Пилла – тонна | 118 | 118,5 | 120 | 122 | 125 | 105,9 |
| Асал – тонна | 11 | 11,5 | 12,0 | 12,5 | 13 | 118,2 |

### 2.1.2.Саноат

***Аҳамиятнокӣ барои иқтисодиёти маҳаллӣ.*** Саноат яке аз соҳаҳои асосии иқтисодиёти ш. Конибодом ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии рушди саноатии шаҳр афзун намудани самаранокӣ ва фоиданокии корхонаҳои саноатӣ, бо роҳи тағйир додани намуди истеҳсолот барои истеҳсоли маҳсулоти серталаботи бозоргир бо истифода аз технологияи пешқадам, васеъ намудани бозори фурӯш ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад.

Дар шаҳр 17 корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд, ки истеҳсоли маҳсулот асосан дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Дар таркиби соҳавӣ ҷои махсусро саноати коркарди пахта, коркарди нафт, соҳаи мошинсозӣ (аз ҷумла таъмири вагонҳо, истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии нақлиёт ва механизмҳои кишоварзӣ) ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ишғол менамояд.

*Ҷадвали 21. Корхонаҳои саноатӣ аз рӯи категорияҳо*

| № | Номи бахш | Шумораи корхонаҳои фаъолияткунанда |
|---|---|---|
| 1 | Мошинсозӣ | 2 |
| 2 | Саноати сабук | 5 |
| 3 | Саноати хӯрокворӣ | 6 |
| 4 | Саноати кимёвӣ | 1 |
| 5 | Саноати коркарди нафт | 1 |
| 6 | Саноати матбуотӣ | 1 |
| 7 | Саноати сохтмон | 1 |

Дар соли 2010 ҳаҷми умумии истеҳсолоти саноатӣ тамоюли афзоишро дошта, нисбат ба 2008 сол 25,9% зиёд шудааст.

Дар корхонаҳои саноатии шаҳр 2707 нафар бо ҷои кор таъмин мебошанд, ки он 4,3%-и шумораи умумии аҳолии бо ҷои кор таъмингардидаро (63409 нафар), аз ҷумла занон 20% ташкил менамояд. Дар байни корхонаҳои саноатӣ корфармоёни асосӣ -

ҶДММ «Тоҷ», ҶС «Ҳабиб», ҶС «Ресмон», ҶС «Конибодом» ва Заводи таъмири вагонҳо ба ҳисоб меравананд. Дар корхонаҳои саноатии ш. Конибодом бо сабаби паст будани музди меҳнат, норасогӣ ва аз кор рафтани мутахассисони касбӣ, аз ҷумла дар бахшҳои мошинсозӣ, саноати сабук ва коркард мушоҳида мегардад. Сатҳи миёнаи музди меҳнат дар корхонаҳои саноатӣ ба 1 январи 2011 сол 377,32 сомониро ташкил дод.

*Диаграммаи 8. Афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ бе назардошти андоз ва аксиз бо рақамҳои муқоисавӣ (ҳазор сомонӣ)*




***Мушкилотҳои асосӣ.*** Баъди барҳамхӯрии ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёр корхонаҳои саноатӣ алоқаҳои хоҷагидориро бо молтаъминкунандагон ва бозорҳои фурӯши маҳсулоти худиро аз даст доданд. Шароитҳои нави сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ барои гузариш ба намудҳои нави хоҷагидорӣ ва дигар намудҳои моликият шароит фароҳам оварданд. Корхонаҳои азим монанди Швеймеспром №2 (ҳоло ҶДММ «Тоҷ», ки дар он 4 ҳазор занон меҳнат менамуданд), корхонаи фаръии Заводи автомобилбарории Горкий – ҶС «Заводи таҷҳизоти боздорандаи мошинҳо» (ҳоло ҶС «Бодом»), Комбинати консервабарории н. Конибодом (ҳоло ҶДММ «Конибодом»), Заводи таъмири вагонҳо маҷбур шуданд, ки ҳаҷми истеҳсолотро ихтисор намуда, шумораи кормандонро кам намоянд, ки ин омил ба сатҳи умумии шуғли аҳолӣ ва мақоми иҷтимоию иқтисодии ш. Конибодом таъсири бевосита расонид. Бисёр корхонаҳо, аз ҷумла ҶС «Бодом», КМ «Ассор-Перм», Заводи таъмири вагонҳо, заводи Маснуоти оҳану бетонӣ ЗМОБ-2 истеҳсолоти худро тағир дода, ба истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти серталабот шурӯъ намуданд.

*Ҷадвали 22. Ҳолати корхонаҳо ва истеъмолкунандагони маҳсулот*

| Намуд ва иқтидори корхонаҳои саноатӣ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Номгӯи корхонаҳои саноатӣ | Намуди маҳсулот ё махсусгардонй | Иқтидори лоиҳавӣ | Иқтидор и воқеъӣ | Ҳолати техникӣ | Истеъмолкунандагони маҳсулот | Миқдори ҷойҳои корӣ |
| ҶС «Бодом» | Қисмҳои эҳтиётии автомобил. | 20млн. сомонӣ | 629,1ҳаз. сомонӣ | Коршоям | ФР Бозори дохилӣ | 161 |
| ҶС «Ресмон» | Коркарди дуюми пахта | 1200 тн | Кор намекунад | Таҷҳизот и кӯҳна | ФР Бозори дохилӣ | 320 |
| ҶС «Хабиб» | Коркарди авалини пахта | 80 ҳаз. тн | 4700тн | Дар ҳолати корӣ | ФР ва дигар кишварҳо. | 343 |
| ҶДММ «Ҷахонгир» | Маҳсулоти нонӣ, квас, респираторҳо | 20 тн нон 4.4 ҳаз. декалитр квас | 23,3тн нон 4,4 ҳаз. квас | Дар ҳолати корӣ | ФР Бозори дохилӣ | 18 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶС «Ассор» | Равғани растанӣ ва чарб, кунҷора | 400 тн тухмӣ дар шабонарӯз | 44,5 тн равғани раст. 259 тн кунҷора | Дар ҳолати корӣ | Бозори дохилӣ | 9 |
| ҶС «Конибо-дом» | Консерваҳои меваю сабза-вот. Хатти нави техно-логии «Те-тропак» | 35 млн. банка | 485ҳаз. банка | Дар ҳолати корӣ, таҷҳизот фарсуда гардида-аст | ФР Бозори дохилӣ | 178 |
| Заводи МОБ-2 | Маснуоти оҳану бетон Корхона ба истеҳсоли да-ру тирезаҳои пластикӣ гу-заштааст | 1000м³ | 103м³ | Дар ҳолати корӣ, таҷҳизот фарсуда гардида-аст | Бозори дохилӣ | 31 |
| Матбаа | Бланкҳо | | 36,8 ҳаз. лот | Дар ҳолати корӣ, таҷҳизот фарсуда гардида-аст | Бозори дохилӣ | 9 |
| МТИ нобиноҳо | Ҷойхоб, бо-лин ва дигар маҳсулоти дӯзандагӣ | 2,2 ҳаз. м матоъ | 11 ҳаз. сомонӣ | Дар ҳолати корӣ, таҷҳизот фарсуда гардида-аст | Бозори дохилӣ | 27 |
| ҶДММ «Тоҷ» | Маҳсулоти дӯзандагӣ | 5 млн. сомонӣ | 75,8 ҳаз. сомонӣ | Дар ҳолати корӣ, таҷҳизот фарсуда гардида-аст | ФР | 849 |
| Заводи таъмири вагонҳо | Таъмири вагонҳо | 5,6 млн. сомонӣ | 3,925 млн. сомонӣ | Дар ҳолати хуб | Бозори дохилӣ | 254 |
| Муассисаи истеҳсоли но-ну қаннодии Тоҷикматлубо т | Маҳсулоти нону қаннодӣ | 400 тн | 281 тн | Дар ҳолати хуб | Бозори дохилӣ | 300 |
| ҶС Бойматов | Коркарди ав-валияи пахта | 15 ҳаз. тонна | 6886 тн | Дар ҳолати хуб | ФР, Олмон, Австрия | 35 |
| ҶДММ «Шоҳон» | Коркарди нафт | 20000 тонна | 8122 тн мазут. 2468 тн сӯзишв. дизел | Дар ҳолати хуб | Бозори дохилӣ | 94 |
| КМ «АССОР-ПЕРМ» | Селлюлоза | 2500 тн селлюло-за | 6 тн се-люлоза 24 тн пахта | Дар ҳолати хуб | ФР, Бозори дохилӣ | 40 |
| ҶС «Зарбед» | Оби маъданӣ | 16 ҳаз. де-калитр | 11 ҳаз. декалитр | Дар ҳолати хуб | Бозори дохилӣ | 31 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶСШК «Шӯҳрати Суғд» | Пиво | 6 ҳаз. декалитр | 4687 декалитр | Дар ҳолати хуб | Бозори дохилӣ | 8 |
| Ҳамагӣ: | | | | | | 2707 |

Айни ҳол, мушкилотҳои асосии корхонаҳои саноатӣ - қарздории корхонаҳо дар назди мақомоти андоз ва таъминоти барқ, фарсудагии физикӣ ва маънавии таҷҳизотҳо, сатҳи пасти менеҷмент, набудани системаи муосири маркетинг, сатҳи пасти маблағҳои мутамарказ, норасогии воситаҳои гардон, фоизи баланди воситаҳои қарзӣ, мавҷуд набудани қарзҳои имтиёзнок, маҳдудияти коркарди дубораи ашёи хоми маҳаллӣ, сатҳи пасти ҳосилнокии меҳнат, рақобатнопазирии маҳсулоти истеҳсолгардида, номунтазам дастрас гардидани барқ ва мавҷуд набудани газి табиӣ. Ин ҳама ба инкишофёбии корхонаҳо монеа мешаванд ва фазои сармоягузориро барои сармоягузорони пуриқтидор маҳдуд менамоянд.

Шумораи зиёди корхонаҳо аз сабаби мавҷуд набудани имкониятҳои истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, маҷбур шуданд, ки майдонҳои истеҳсолиро ба иҷора диҳанд, гарчанде ҳаҷми майдонҳои истифоданашуда ҳанӯз ҳам зиёд аст ва 70% ҳаҷми умумии майдонҳои истифоданагардидаро ташкил медиҳанд.

*Ҷадвали 23. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатии ш. Конибодом*

| Корхонаҳо | Истеҳсоли маҳсулот дар шакли натуралӣ | | | Истеҳсоли маҳсулот дар шакли пулӣ (ҳаз. сомонӣ) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | Воҳиди ченак | 2009 | 2010 | 2009 | 2010 |
| 1. ҶС «Бодом» | | | | 355,7 | 629,8 |
| -Қисмҳои эҳтиётии мошинаҳо | - | - | - | 46,5 | 28,8 |
| -Қисмҳои эҳтётии мошинаҳои кишоварзӣ | - | - | - | | 16,0 |
| -Қисмҳои эҳтиётии дастгоҳҳо | - | - | - | 269,9 | 110,6 |
| -гудохтани пӯлод | Тн | 31 | 43 | - | - |
| -гудохтани алюминий | Тн | 2,5 | 2 | - | - |
| -маҳсулоти маишӣ | - | - | - | 43,8 | 132,8 |
| 2. ҶС «Ресмон» | | | | 206,2 | - |
| -нахи пахта | Тн | 25,9 | - | - | - |
| -нахи пахта | ҳаз. тн | 0,94 | - | - | - |
| -нахи пахтаи харидорӣ | Тн | 0,1 | - | - | - |
| -нахи пахтаи харидорӣ | ҳаз. тн | 0,003 | - | - | - |
| -матоъи сахт | ҳаз. $м^3$ | 5,8 | - | - | - |
| -матоъи сахт | ҳаз. $м^3$ | 7,73 | - | - | - |
| -матоъи молпечонӣ | ҳаз. $м^3$ | 6 | - | - | - |
| -матоъи молпечонӣ | ҳаз. $м^3$ | 6,6 | - | - | - |
| 3. ҶС «Ҳабиб» | | | | 30051,3 | 26129,4 |
| -Коркарди кимёвии маводҳои тухмӣ | Тн | 280 | 60 | - | - |
| -пахтаи хом | Тн | 1882 | 1605 | - | - |
| Аз он ҷумла маҳиннах | Тн | 193 | 203 | - | - |
| -тухмии пахта | Тн | 3276 | 2712 | - | - |
| Аз он ҷумла тухмии техникӣ | Тн | 2773 | 1984 | - | - |
| -линт | Тн | 87 | 66 | - | - |
| -улюк | Тн | 27 | 28 | - | - |
| Матоъи бофташуда | ҳаз. $м^3$ | 22 | 16 | - | - |
| Матоъи бофташуда | ҳаз. $м^3$ | 41 | 28 | - | - |
| Тайёр намудани тухмиҳо | Тн | - | - | - | - |
| 4. ҶДММ «Ҷаҳонгир» | | | | 160,6 | 474,8 |
| -нон ва маҳсулоти нонӣ | Тн | 16,9 | 23,3 | - | - |
| -квас | Литр | 4260 | 4348 | - | - |
| -респиратор | Адад | - | - | - | - |
| 5. ҶС «Ассор» | | | | 39,8 | 61 |
| -равғани растанӣ | Тн | 12,3 | 44,5 | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| -кунҷора | Тн | 80 | 259,1 | - | - |
| 6. ҶДММ «Шохон» | | | | 10958,2 | 17731 |
| -мазут | Тн | 5952,9 | 8121,6 | - | - |
| -сӯзишвории дизелӣ | Тн | 1736,4 | 2468,1 | - | - |
| -бензин | Тн | 336,6 | 479 | - | - |
| 7. Матбаа | | | | 37,7 | 41,0 |
| -рӯзномаҳо | Ҳаз.нусха | 32,9 | 36,8 | - | - |
| -бланкҳо | Ҳаз.нусха | - | - | - | - |
| 8. МТИ нобиноҳо | | | | 4,7 | 11,0 |
| -остинчаҳо | Дона | 285 | - | - | - |
| -ҷойхоб (простқня) | Дона | - | - | - | - |
| -кӯрпаи хоб (матрас) | Дона | 85 | 195 | - | - |
| -комплекти ҷойхоб (постелҳное белҳё) | Компл. | 21 | 53 | - | - |
| 9. ҶДММ «Тоҷ» (Ҳусноро) | | | | 75,4 | 75,8 |
| -маҳсулоти дӯзандагии яклухт | - | - | - | 75,4 | 75,8 |
| -маҳсулоти дӯзандагии чакана | - | - | - | 82,9 | 83,3 |
| 10. Заводи таъмири вагонҳо | | | | 5439,9 | 3925,8 |
| -таъмири ҷории вагонҳои боркашон | Адад | 65 | 100 | - | - |
| - таъмири ҷории вагонҳои боркашон | - | - | - | 57,2 | 120,1 |
| -таъмири истгоҳи вагонҳои боркашон | Адад | 292 | 242 | - | - |
| -таъмири истгоҳи вагонҳои боркашон | - | - | - | 1131,4 | 988,8 |
| -таъмири асосии вагонҳои боркашон | Адад | 91 | 20 | - | - |
| -таъмири асосии вагонҳои боркашон | - | - | - | 1221,2 | 462,6 |
| -таъмири ҷории вагонҳои мусофирон | Адад | 9 | 9 | - | - |
| -таъмири ҷории мусофирон | - | - | - | 10,2 | 6,1 |
| -таъмири асосии вагонҳои мусофиркашон | Адад | 4 | 7 | - | - |
| -таъмири асосии вагонҳои мусофиркашон | - | - | - | 500,2 | 681,9 |
| -таъмири истгоҳи вагонҳои мусофиркашон | Адад | 57 | 41 | - | - |
| -таъмири истгохи вагонҳои мусофиркашон | - | - | - | 722,9 | 442,1 |
| -дигар маҳсулоти хоҷагии халқ | - | - | - | 615,2 | 271,7 |
| 11. Матлубот | | | | 475,8 | 510,8 |
| -нон ва маҳсулоти нонӣ | Тн | 274,5 | 281 | - | - |
| -маҳсулоти қаннодӣ | Тн | 9,7 | - | - | - |
| 12. КМ «Ассор-Перм» | | | | 239,6 | 135,9 |
| -селлюлозаи пахта | Тн | 22,5 | 5,6 | - | - |
| -пахта маишӣ | Тн | 14,4 | 23,9 | - | - |
| -пахтаи тиббӣ | Тн | 1,3 | - | - | - |
| 13.Заводи маснуоти оҳану бетонии №2 | | | | 200,5 | 234,8 |
| -иншоотҳои оҳану бетонӣ | ҳаз. $м^3$ | 93 | 200,0 | - | - |
| -сафолакҳои роҳ (тротуарная плитка) | $м^2$ | 2010 | 1940 | - | - |
| -маҳсулотҳои пластикӣ | $м^2$ | 110 | 245,2 | - | - |
| -бетони тайёр | $м^3$ | 324 | 103 | - | - |
| -сунъӣ | ҳаз. $м^3$ | 240 | 94 | - | - |
| -шағал | ҳаз. $м^3$ | - | - | - | - |
| -гилхок | - | 240 | 94 | - | - |
| Иншоотҳои металлии кафшерӣ | Тн | - | - | - | - |
| 14. ҶС «Конибодом» | Ҳ.в.б. | | | 3296,4 | 329,2 |
| -консерваҳо – ҳамагӣ | Ҳ.в.б. | 10582,9 | 485,0 | | |
| -консерваҳои мевагӣ | Ҳ.в.б. | 7945,7 | 227,7 | | |
| -помидорҳои очорӣ | Ҳ.в.б. | 17,39,1 | 257,3 | | |
| -сабзавоти консервшуда | Ҳ.в.б. | 898,1 | | | |
| -зарф барои мавод | Дона | - | - | - | - |
| 15. ҶС «Э.Бойматов» | | | | 14723,4 | 18212,0 |
| -равғани растанӣ | Тн | 35 | 84,5 | - | - |
| -кунҷора | Тн | 253,7 | 550,3 | - | - |
| -пахта | Тн | 2142,5 | 2295,6 | - | - |
| -тухмии пахта | Тн | 3479,4 | 3844,8 | - | - |
| -линт | Тн | 108,6 | 145,5 | - | - |
| -улюк | Тн | 51,3 | 58,3 | - | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Коркарди кимёвии маводи тухмӣ | Тн | 200,0 | 104,4 | - | - |
| 16. ҶС «Зарбед» | | | | 73,8 | 74,1 |
| Оби минералии «Кучкак» | декалитр | 11361 | 11406 | - | - |
| 17. ҶДММ «Салом» | | | | - | - |
| Пахтаи тиббӣ | Тн | - | 8,2 | - | - |
| 18. ҶДММ «Бунафша», бланкҳо | Ҳаз. дона | 152,6 | 57,8 | - | - |
| 19. ҶДММ «Зулфиқор» | | | | - | - |
| -равғани растанӣ | Тн | 14,4 | 10,7 | - | - |
| -кунҷора | Тн | 60,2 | 93,3 | - | - |
| 20. ҶДММ «Амонбой» | | | | - | - |
| Хишти сохтмонӣ | | | | - | - |
| 21. ҶДММ «Новопласт Конибодом» | | | | - | - |
| Маҳсулоти сохтмонии пластмасӣ | Дона | 1430 | 1310 | - | - |
| 22. ҶДММ «Фаҳид» | | | | - | - |
| -равғани растанӣ | Тн | 190 | 228 | - | - |
| -кунҷора | Тн | 1084,1 | 1001,2 | - | - |
| -пӯстлохи тухмии пахта | Тн | 365,3 | 430,6 | - | - |
| 23. ҶДММ «Шӯҳрати Суғдӣ» | | | | 48,8 | 56,1 |
| Пиво | декалитр | 4197 | 4687 | - | - |
| 24. ҶДММ «Вектор М» | | | | - | - |
| Асфалт | Тн | 508,5 | 500 | - | - |
| 25. ҶДММ «Меваи Сир» | | | | - | - |
| Донаки зардолу | Тн | 5 | - | - | - |
| 26. Сохтори шахсӣ | | | | | |
| -орд | Тн | 791,7 | 732 | - | - |
| -нон ва маҳсулоти нонӣ | Тн | 1428,4 | 1573 | - | - |
| -гӯшт | Тн | 696,6 | 673,9 | - | - |
| -яхмос | Тн | 20,4 | 20,4 | - | - |
| -нӯшокиҳои ғайримашруботӣ | декалитр | 7088,4 | 10400,0 | - | - |
| -равғани растанӣ | Тн | 108,9 | 11,0 | - | - |
| -кунҷора | Тн | 424,3 | 48,3 | - | - |
| -пӯстлохи тухмии пахта | Тн | 201,1 | 27,2 | - | - |
| -маҳсулоти маишӣ | - | - | - | 17,2 | 15,8 |
| -маҳсулоти дӯзандагӣ | - | - | - | 282,9 | 399,7 |
| -маҳсулоти дуредгарӣ | Ҳаз. сом. | 338,0 | 546,0 | - | - |
| -хишти пухтаи сохтмонӣ | Ҳаз. дона | 1688 | - | - | - |
| -хишти сохтмонӣ | Ҳаз. дона | 60 | - | - | - |
| -маҳсулоти пластикии сохтмонӣ | $м^2$ | 553,2 | 788,7 | - | - |
| -маводҳои қаннодӣ | Тн | 20,6 | 34,7 | - | - |
| -танаи дарахти буридашуда (отруб) | Тн | 3,4 | - | - | - |
| Ҳамагӣ корхонаҳои истеҳсолӣ (шахсони ҳуқуқӣ) | - | - | - | 66388,0 | 6861,7 |
| Сохтори шахсӣ | - | - | - | 19444,4 | 20626,7 |
| Корхонаҳои хурд | - | - | - | 2183,7 | 3884,3 |
| Дар ноҳия | - | - | - | 88016,2 | 93142,8 |

Дар ш. Конибодом ду корхонаи азими коркарди пахта ҶС «Ресмон » ва ҶС «Ҳабиб» фаъолият менамояд. Корхонаҳои мавҷуда аз паст гардидани дараҷаи истифодаи иқтидорҳои мавҷуда мушкилиҳои зиёдеро, ки ба нокифоягӣ ва баланд гаштани нархи ашёи хом, афзоиши рақобат, баланд шудани нархи истифодаи барқ алоқаманд аст, аз сар гузаронида истодаанд. Паст гардидани иқтидорҳои истеҳсолӣ мустақиман ва бевосита ба ихтисори ҷойҳои корӣ ва паст гардидани музди меҳнати пешниҳодшаванда таъсир намуд. Корхонаҳо ба тағир додани намуди истеҳсолот ва барориши намудҳои нави маҳсулот, махсусан истеҳсоли ашёи дуюмдараҷа ва сеюмдараҷа ниёзманд мебошанд.

***Иқтидор.*** Ба рушди иқтидори саноатии шаҳр мавҷудияти шохаҳои роҳҳои оҳан, наздик будан ба роҳи автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд - Конибодом, сарҳади умумӣ бо Ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Қирғизистон мусоидат менамоянд.

Майдонҳои истеҳсолии озод ва иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионии шаҳр имконият медиҳанд, ки дар заминаи онҳо таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорие, ки

аз нуқтаи назари камхарҷии маблағҳои мутамаркази ба сохтмони инфрасохтори истеҳсолӣ алоқамандбуда, иншоотҳои муҳандисию коммуникатсионӣ, инчунин воситаҳои истеҳсолоти калонхарҷ, ба роҳ монда шаванд. Масалан, танҳо дар ҶСК «БОДОМ» 10 ҳазор м$^2$ майдонҳои озоди истеҳсоли мавҷуданд, ки бо тамоми инфрасохтори муҳандисию коммуникатсионӣ таъминанд. Дастгоҳҳои барқӣ - кафшерии қубурҳои истеҳсоли Руссия оид ба барориши қубурҳои Ф16:Ф63:мм, ту1:3,5, бо иқтидори истеҳсолии 40метр/ дақиқа, мавҷуд аст. Инчунин, дар коргоҳ дастгоҳи истеҳсоли қубурҳои полиэтиленӣ Ф15:Ф40 бо иқтидори 30 тонн/ қубур дар як сол мавҷуд мебошад. Ҳоло корхона бо корхонаи мазкур КВД «ТАлКо» ҳамкории зич дорад ва бо фармоиши ширкати номбурда мошинҳои махсусгардонидашуда, ба монанди: мошини коркарди қалахш, мошини тақсимоткунандаи глинозем, истеҳсол менамояд. Дар оянда дар соли 2011-2015 ташкил намудани корхонаи муштарак бо ширкати русӣ оиди истеҳсолӣ пӯлоди маргандор, азхудкунии мошинҳои ёридиҳанда ва қисмҳои эҳтиётӣ барои КВД «ТАлКо» ба маблағи 8 млн. сомонӣ, дар назар аст.

Бо мақсади беҳтар намудани нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шароитҳои мусоид барои рушди соҳа, зарурият ба миён омадааст, ки дар заминаи корхона коргоҳҳои хурди истеҳсол ва коркарди ашёи хоми дар шаҳр истеҳсолшаванда (мева ва сабзавот) созмон дода шавад. Дар шаҳр имкониятҳои мувофиқ, ҷиҳати ташкил намудани истеҳсолот оид ба барориши сементи сохтмонӣ, оҳак, шағал ва мутобиқан ба роҳ мондани барориши маснуоти оҳану бетон, маводҳои сохтмонӣ, мавҷуд мебошанд, ки барои ҳал намудани мушкилиҳои сохтмон ва таъминоти манзил барои аҳолӣ, нақши назаррас мебозад.

Таҳлили партовҳои зараровари ба атмосфера партофташуда нишон медиҳад, ки дар соли 2011 нисбатан ба соли 2006 қариб ба 2,5 маротиба афзудааст. Ин афзоиш на танҳо ба афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, балки ба суст будани таҷҳизотҳои манбаҳои чангу газдорандаҳо, тамоман набудани системаи идоракунии ҳифзи муҳити зист дар корхонаҳои саноатӣ ва паст будани ҳаҷми маводҳо, ки ба мониторинг ва паст кардани таъсири инсонро ба муҳити зисти ноҳия инъикос мекунад, алоқамандӣ дорад.

*Ҷадвали 24. Шумораи партовҳои зараровар дар ш. Конибодом*

| № | Сол | Партовҳои зараровар ба муҳити зист тн/дар як сол | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Партовҳои сахт | SO2 | CO | NO2 | Углеводородҳо | Газҳои дигар |
| 1 | 2006 | 131,219 | 43,868 | 35,617 | 30,542 | 7,291 | 12,638 | 1,263 |
| 2 | 2010 | 317,690 | 61,054 | 11,345 | 25,125 | 6,078 | 7,797 | 206,291 |

Самтҳои асосӣ барои паст кардани таъсири манфии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба муҳити атроф – ин ворид намудани менеҷменти экологӣ дар истеҳсолот, таҷҳизонидани манбаҳои партов оиди кам намудани партовҳо, гузаронидани мониторинги мунтазами экологӣ, таҳияи шиносномаҳои экологӣ мебошад.

***Дурнамо.*** Мувофиқи таҳлили овардашуда, афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар соли 2015 нисбати нишондиҳандаҳои соли 2011 аз ҳисоби ба кор даровардани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави муосир оиди коркарди ашёи хом бояд 35,7% -ро ташкил диҳад.

*Ҷадвали 25. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолии ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015(ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с бо %. |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Маҳсулоти истеҳсолот (корҳо ва хизматрасониҳо) бо нархи яклухти истеҳсолоти дорои шакли гуногуни моликият. | 111153,4 | 121860 | 132830 | 141390 | 150795 | 135,7 |
| Кимёвӣ ва нафтукимёвӣ | 16355,5 | 17583 | 19340 | 20790 | 22245 | 136 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мошинасозӣ ва коркарди металл | 1254,9 | 1504 | 1655 | 1820 | 2000 | 159,4 |
| Истеҳсолоти маводҳои сохтмонӣ | 265,4 | 297 | 324 | 402 | 505 | 190,3 |
| Сабук | 80,1 | 337 | 388 | 427 | 476 | 5,9 |
| Озуқаворӣ | 1604,1 | 1811 | 2028 | 2244 | 2472 | 154,1 |
| Дигар бахшҳои истеҳсолот | 91953,4 | 100328 | 109095 | 115707 | 123097 | 133.9 |

*Ҷадвали 26. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолии ш. Конибодом аз рӯи намудҳои асосии маҳсулот дар соли 2011-2015 (бо ифодаи аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Нахи пахта | тонн | 4176,6 | 4222,0 | 4275,0 | 4310,0 | 4630,0 | 110,9 |
| Тухмии пахта | тонн | 7244 | 7325 | 7390 | 7435 | 7700 | 106,3 |
| Равғани растанӣ | тонн | 581,0 | 601,0 | 631 | 657 | 695 | 119,6 |
| Маҳсулоти консервӣ | тонн | 613,2 | 660,0 | 750 | 825 | 910 | 148,4 |
| Бензин | тонн | 291,9 | 296,0 | 310,0 | 318,0 | 330,0 | 113,1 |
| Сӯзишвории дизелӣ | тонн | 1752,9 | 1777,0 | 1850,0 | 1900,0 | 1960,0 | 111,8 |
| Мазут | тонн | 5250,2 | 5325 | 5540 | 5690 | 5850 | 111,4 |

*Ҷадвали 27. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди ташкилдиҳии ҷойҳои нави корӣ дар ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳамаи шакли моликият (ҷойҳои корӣ) | 3795 | 3624 | 3659 | 3706 | 3799 | 100,1 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| Сохтмони нав | 272 | 56 | 56 | 67 | 79 | 29,0 |
| - аз ҳисоби азнавтаҷҳизонидан ва васеъ кардани истеҳсолоти корхонаҳои амалкунанда | 841 | 255 | 225 | 237 | 276 | 32,8 |
| - барқароркунии иқтидорҳои истеҳсолии амалнакунанда | - | 40 | 52 | 57 | 60 | - |
| - шуғли инфиродӣ | 2682 | 3273 | 3326 | 3345 | 3384 | 126,2 |

### 2.1.3. Соҳибкории хурду миёна (СХМ)

***Нақши СХМ дар иқтисодиёти маҳал.*** Бахши соҳибкории хурду миёна яке аз соҳаҳои ояндадори иқтисодиёти шаҳр мебошад. Дар соли 2010 ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолнамудаи субъектҳои СХМ-и ш. Конибодом 491077,1 ҳазор сомониро ташкил дод. Таҳлил нишон медиҳад, ки субъектҳои СХМ дар соҳаҳои кишоварзӣ, савдо ва хизматрасонӣ, нақлиёту коммуникатсия ва сохтмон фаъолият менамоянд.

*Ҷадвали 28.Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда. (ҳазор сомонӣ)*

| № | Нишондиҳандаҳо | 2010 | Бо% |
|---|---|---|---|
| 1 | Саноат (муқоисавӣ) саноати хурду миёна корхонаҳои истебсолӣ | 24551 | 5,0 |
| 2 | Истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии халқ, сехҳои хурд | 42510,6 | 8,6 |
| 3 | Сохтмон | 860,0 | 0,2 |
| 4 | Савдо (муқоисавӣ) | 164628,2 | 33,5 |
| 5 | Хизматрасониҳои пулӣ, гардиши моли чакана (муқоисавӣ) | 93024,3 | 19,0 |
| 6 | Кишоварзӣ | 165503 | 33,7 |
| | Ҳамагӣ: | 491077,1 | 100,0 |

Чуноне, ки омори расмӣ шаҳодат медиҳад, ҳиссаи асосиро дар бахши СХМ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолгардида, бахши савдо ва хизматрасонӣ ишғол менамоянд, ки 67,2%-и ҳаҷми умумии маҳсулоти истеҳсолшударо ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 29. Нақши СХМ дар таъмини шуғл аз рӯи соҳаҳо*

| Бахшҳои иқтисодиёт | Шумораи субъектҳои қайдшуда | | Шуғл |
|---|---|---|---|
| | Шахсони ҳуқуқӣ | Шахсони воқеӣ | Шумораи ҷойҳои корӣ ҳамагӣ |
| Кишоварзӣ бо назардошти коркард | 62 | 1411 | 4594 |
| Нақлиёт ва алоқа | 21 | 380 | 312 |
| Савдо | 9 | 1140 | 3390 |
| Сохтори хизматрасонӣ | 18 | 236 | 431 |
| Саноат (корхонаҳои хурду миёна | 16 | -- | 525 |
| Сохтмон | 4 | -- | 63 |
| Хизматрасонии молиявӣ | 7 | 8 | 164 |
| Ҳамагӣ: | 137 | 3828 | 9479 |

Дар солҳои охир бахши СХМ, ҳамчун соҳаи асосии бо ҷои кор таъминкунандаи аҳолӣ ба шумор меравад. Дар соли 2010 дар соҳаи мазкур 9479 нафар аҳолӣ машғул буданд. Ба ҳолати 1 январи соли 2011 дар шаҳри Конибодом 137 корхонаи хурди ҳуқуқӣ ва 3828 шахсони воқеъӣ (бо назардошти 830 нафар тариқи патент ва 587 нафар бо шаҳодатнома фаъолияткунанда) ба қайд гирифта шудааст.

*Ҷадвали 30. Воридот ба буҷаи шаҳр аз ҳисоби СХМ (сомонӣ)*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Маблағҳои ба буҷаи шаҳр воридгашта | 7428248 | 7266647 | -161601 |
| | Аз он чумла:<br>Аз савдои чакана | 956950 | 763705 | 193245 |
| | Аз андоз аз даромад | 300715 | 123060 | -177655 |
| | Аз андози соддакардашуда | 375868 | 756617 | 380749 |
| | Аз андози иҷтимоӣ | 2165991 | 3574514 | 1408523 |
| | Аз андози ягона | 2353155 | 1612454 | -740701 |
| 2 | Ҳамагӣ қарздории соҳибкорон бе назардошти ХД. | 59505 | 263360 | 203855 |
| | -қарздории соҳибкорон, ки дар асоси шаҳодатномаи фаъолияти соҳибкорӣ кор мекунанд (бе назардошти ХД) | 59505 | 263360 | 203855 |

Андозҳои пардохтгардидае, ки аз соҳибкорони инфиродӣ дар соли 2010 ворид гаштаанд 7266647 сомониро ташкил медиҳад, ки он назар ба соли 2011 ба 2,7% камтар мебошад. Омили асосии кам гаштани даромади андозӣ - қарздорӣ аз рӯи маблағгузории андозӣ дар соли 2010-ум мебошад. Ҷоизи қайд аст, ки аз тарафи мақомоти андози ш. Конибодом 284 ҳолатҳои қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ (аз он ҷумла 254 соҳибкороне, ки дар асоси патент кор мекунанд) ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли 2009 ду маротиба бештар аст. Сабабҳои асосии қатъ гардидани соҳибкорӣ ба таври зайл оварда шудааст: нарасидани маблағҳои гардиши молиявӣ, монеаҳои ҳуқуқӣ ва маъмурӣ, кам будани маҳлағ барои рушд, андозҳои калон, душворӣ дар ҷиҳати дастраскунии ашё, таҷҳизот, баландравии нархи ашё ва маводҳо, душвории ба иҷора гирифтани манзил, мушкилиҳои фурӯши маҳсулот ва хизматрасонӣ ва ғ.

***Мушкилоти соҳибкорӣ.*** Рушди сусти соҳибкории хурду миёна, ба қатъ гаштани роҳҳои автомобилгарди ба ноҳияҳои наздиктарини Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҷойгиршаваии номусоид аз марказҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ (ки ворид шудани молу ашёро аз дигар ноҳияҳо маҳдуд менамояд), маҳдудияти қувваи барқ ва таъминот бо гази табиӣ зич алоқаманд аст.

Мушкилиҳои асосие, ки ба рушди СХМ монегии хоса доранд, хусусияти маҳдуд намудани иқтидори молиявии соҳибкорон, фоизи баланди қарзҳои бонкӣ, фоизи баланди арзиши амалиётҳои содиротӣ барои баровардани молҳо ба хориҷа ва ғайра, мебошанд. Ҳамзамон, мавҷуд набудани муташаккилию якдилӣ дар байни соҳибкорон, сатҳи пасти иқтидории онҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, ташкили бизнес ва маркетинг, мавҷуд набудани институтҳои устувори пешниҳодкунандаи хизматрасониҳо оид ба дастгирии ҳуқуқӣ, инчунин оид ба рушди иқтидорҳо, омилҳои боздорандаи рушди СХМ ба ҳисоб меравaнд.

***Иқтидорҳо оид ба рушди соҳибкорӣ.*** Дар рушди соҳибкории хурду миёна бонкҳо ҷои махсусро ишғол менамоянд. Айни ҳол, дар шаҳр филиалҳои ҶС «Агроинвестбонк», ҶС «Ориёнбонк», Бонки амонатгузории «Амонатбонк», Бонки «Эсхата», «Соҳибкорбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк» фаъолият менамоянд. Ғайр аз ин, дар шаҳр Фонди қарздиҳии хурди «Имон-интернешнл» фаъолияти самаранок дорад. Дар соли 2010 муассисаҳои молиявию қарзие, ки дар шаҳри Конибодом фаъолият менамоянд, ҳамагӣ 6121 адад қарз ба маблағи умумии 35700.6ҳаз. сомонӣ пешниҳод намудаанд, ки аз он 2145 адад қарз ба ташкилотҳои қарздиҳии хурд рост меояд. Андозаи миёнаи қарзҳои дар соли 2010 аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳодгардида 8979сомонӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарздиҳии хурд 4776 сомониро ташкил додааст.

*Ҷадвали 31 Қарзҳои ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соли 2010 пешниҳодгардида*

| Соҳаҳо | Бонкҳо | Ташкилотҳои қарздиҳии хурд | |
|---|---|---|---|
| | | Маблағ | Маблағи қарзҳои ба занон додашуда |
| Кишоварзӣ | 7861,1 | 2144 ,0 | 922,0 |
| Хӯроки умумӣ | 717,2 | - | - |
| Саноат | 1903,4 | - | - |
| Дигар соҳаҳо (нақлиёт, сохтмон ва ғ.) | 14973,9 | 8101,0 | 3483 |
| Ҳамагӣ: | 25455,6 | 10245,0 | 4405 |

Қобили қайд аст, ки дар ҳудуди ноҳия ягон корхонаҳо ва ташкилотҳо оиди коркарди дуюмини партовҳо, вуҷуд надоранд. Самти мазкур барои рушди соҳибкорӣ ва қарздиҳии хурд яке аз самтҳои афзалиятнок шуда метавонад.

*Ҷадвали 32. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳибкории хурд дар ш. Конибодом*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Шумораи корхонаҳои то 15 нафар (бе назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ) (адад) | 114 | 115 | 115 | 115 | 115 | 101 |
| Шумораи корхонаҳои то 50 нафар (бе назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ ва фермерӣ) (адад) | 10 | 11 | 11 | 12 | 12 | 120 |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда то 15 нафар. | 80 | 80 | 80 | 82 | 84 | 105,0 |
| Шумораи корхонаҳои амалкунанда то 50 нафар. | 10 | 11 | 11 | 12 | 12 | 120 |
| Шумораи бо кор таъмин будагон (ҳазор нафар) | 0.6 | 0.7 | 0.75 | 0.85 | 0.85 | 141.6 |
| Даромад аз фурӯш (ҳазор сомонӣ) | 56409 | 57000 | 60000 | 61000 | 62000 | 109.9 |
| Шумораи соҳибкорони инфиродӣ (ҳазор нафар) | 3.9 | 4.0 | 4.10 | 4.20 | 4.2 | 107.7 |
| Аз он чумла: | | | | | | |
| - фаъолият аз руи шаҳодатнома (ҳазор нафар) | 2.3 | 2.4 | 2.5 | 2.6 | 2.6 | 113.0 |
| - бо патент (ҳазор нафар) | 1.6 | 1.6 | 1.6 | 1.6 | 1.6 | 100 |

*Ҷадвали 33. Бозори талаботӣ. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бозори талаботии ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015 (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи бахшҳо | 198779 | 219650 | 239420 | 257375 | 274315 | 138.0 |
| Ҳаҷми хизматрасониҳои пули ба аҳолӣ дар бамаи бахшҳо | 107458 | 131800 | 141685 | 152310 | 152310 | 141,7 |

## 2.1.4.Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисодиёт

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/ Лоиҳаҳо | Арзиши умумӣ (ҳаз. сомонӣ) | Давраи нақшавӣ | | | | | Масъул | Манбаи маблағгузорӣ | Нишондиҳандаҳои натиҷа/ индикаторҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | | |
| Кишоварзӣ | | | | | | | | | | | |
| Баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ | 1.Беҳтаргардонии ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ | 1.1. Гузаронидани барӯйхатгирӣ ва қисман супоридани ШКЗ аз тавозуни АХД ба тавозуни ИДХО ё ба АИО. | 10 | | 5 | 5 | | | МИХД ш. Конибодом, ИДХО | | Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 25% то 2015с. Афзудани ҳосилнокии маҳсулоти асосии кишоварзӣ ба 15% то 2015с. Афзоиши майдони заминҳо дорои ҳолати қаноатбахши и мелиоративӣ то 1000га ба 2016с. Шумораи пойгоҳ-ҳои барқароршуда ва таҳмиршуда Майдони рӯёнидани бешазор |
| | | 1.2. Тоза намудани ШКЗП (289км). | 4200 | 200 | 1000 | 1000 | 1000 | 1000 | МИХД ш. Конибодом, ИДХО | Номуайян | |
| | | 1.3. Таъмир ва барқарорсозии пойгоҳҳои обкашии А) Д-2, Д-3, Д-4, Д-5, Д-6, Д-7 | 700 | 100 | 150 | 150 | 150 | 150 | ИДХО | Номуайян | |
| | | 1.4. Барқарорсозии пойгоҳҳои обкашии ХД М.Назаров дар ҷамоати Хамробоев | 167, 254 | | 167,254 | | | | МИХД ш. Конибодом | Фонди Трастовӣ (БРСММ), МИХД вилояти Суғд (10%). | |
| | | 1.5. Барқарорсозии канали "Кучкак" дар ҷамоати Пулотон | 229, 600 | | 229,600 | | | | МИХД ш. Конибодом | Фонди Трастовӣ (БРСММ), МИХД вилояти Суғд (10%). | |
| | | 1.4. Гузаронидани мизи мудаввар бо иштироки намояндагони АХД, АИО, ИДХО, аҳолӣ ва МИХД оид ба ҳалли масъалаи пардохти ҳаққи хизматрасонии АИО аз ҷониби АХД. | 10 | 5 | 5 | | | | МИХД ш. Конибодом | Лоиҳаи "Идоракуни захираҳои оби водии Фарғона" | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *1.5. Созмон додани 2 АИО дар ҳавзаи дарёи Исфара дар ҷамоати ба номи Ортиқов* | *400* | *100* | *300* | | | | *МИҲД ш. Конибодом* | *БРСМ М* | *Шумораи сарбанд-ҳо ва каналҳои муҳофизаткунанда аз сел % хатти бешазорони нав* |
| | | *1.6. Сохтмони иншоотҳои обтақсимкунанда (116адад)* | *240* | *30* | *60* | *60* | *60* | *30* | *МИҲД ш. Конибодом* | *ИДО, АИО, АХД* | |
| | | *1.7. Тоза кардани шабакаҳои обтаъминкунӣ (280км)* | *5500* | *0* | *1000* | *1500* | *1500* | *1500* | *МИҲД ш. Конибодом* | *ИДО, АИО, АХД* | |
| | | *1.8. Мустаҳкамкунии каналҳои обёрикунанда бо мақсади бартараф намудани талафоти об (120км)* | *400* | *50* | *100* | *100* | *100* | *50* | *МИҲД ш. Конибодом* | *ИДО, АИО, АХД* | |
| | | *1.9. Тоза намудани 55км зубурҳои ирригатсионию обёрикунанда ҷамоати Пӯлотон* | *500* | *100* | *100* | *100* | *100* | *100* | *МИҲД ш. Конибодом* | | |
| | *2. Беҳтаргардони дастрасии деҳқонон ба воситаҳои истеҳсолот* | *2.1. Ташкили базаи техникаи кишоварзӣ дар заминаи таъминоти агротехникӣ* | *500* | *100* | *100* | *100* | *100* | *100* | *МИҲД ш. Конибодом* | *Ному-айян* | |
| | | *2 2.Ташкили 2 БМТ дар минтақаи фаъолияти АХД ба номи А. Дӯстӣ ва А. Қодиров* | *500* | *100* | *100* | *100* | *100* | *100* | *МИҲД ш. Конибодом АХД А. Дустӣ ва А. Қодиров* | *Ному-айян* | |
| | | *2.3. Мусоидат намудан ба ташкили фаъолияти ширкатҳои лизингӣ дар ҳудуди ш. Конибодом* | *-* | *-* | *-* | *-* | *-* | *-* | *МИҲД ш. Конибодом* | | |
| | | *2.4. Харидорӣ намудани техникаи кишоварзӣ барои ХД ҷамоати Пӯлотон (тракторҳо, мошинҳо ва дигар қисмҳои таъиноти кишоварзӣ дошта)* | *500* | *-* | *100* | *125* | *125* | *150* | *МИҲД ш. Конибодом Ҷ/С Бойматов ва дигар ХД* | *Ному-айян* | |
| | *3. Баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот и кишоварзӣ* | *3.1. Ташкили муассисаи хизматрасониҳои кишоварзии консалтингӣ барои деҳқонон.* | *100* | *-* | *50* | *15* | *15* | *20* | *Раёсати кишоварзӣ МИҲД, АХД* | *Ному-айян* | |
| | | *3.2.Баланд бардоштани иттилоотнокии деҳ.қонон оиди масъалаҳои истифодаи маводу тухмиҳои серҳосил, нуриҳо, истифодаи нуриҳои органикӣ, заҳркимёҳо бо роҳи гузаронидани дарсҳои омӯзишӣ барои намояндагони АХД ва ХД инфиродӣ* | *20* | *4* | *4* | *4* | *4* | *4* | *МИҲД ш. Конибодом* | *Ному-айян* | |
| | | *3.3. Ташкили нуқтаҳои фурӯши тухмиҳои хуш-сифат ва дигар молҳои кишоварзӣ (агромагоза). (1адад)* | *250* | *-* | *150* | *100-* | *-* | *-* | *МИҲД ва Раёсати кишоварзӣ* | *Ному-айян* | |
| | | *3.4. Зиёд намудани майдонҳои пахта аз ҳисоби азхудкунии заминҳои нав (500Га).* | *100* | *20* | *20* | *20* | *20* | *20* | *Раёсати кишоварзӣ ва АХД ПМК №42* | *Ному-айян* | |
| | | *3.5. Таҳияи нақшаи генералӣ оиди ба роҳ мондани киштгардонии заминҳои кишоварзии ш. Конибодом* | | *-* | | *-* | *-* | *-* | *МИҲД ва Раёсати кишоварзӣ* | | |
| | | *3.6. Ҳавасмандгардонии истифодаи хушккунакҳои сарфкунандаи энергия барои коркарди меваҳо* | *130* | | *130* | | | | *МИҲД ва Раёсати кишоварзӣ* | *Лоиҳа оиди Рушди кишоварзӣ маблағг* | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | узор USAID | |
| | | 3.7. Муҷаҳҳазгардонии техникии Истеҳсолоти кишоварзии ноҳияи Конибодом барои мубоиризаи маҷмўавӣ бар зидди малах | 200 | 40 | 40 | 40 | 40 | 40 | Раёсати кишоварзӣ ва АХД | Номуайян | |
| | | 3.8. Афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли пахта бо роҳи ворид намудани технологияҳои нави агротехникӣ | 460 | 60 | 100 | 100 | 100 | 100 | Раёсати кишоварзӣ ва АХД | Номуайян | |
| | | 3.9. Афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли мевагиҳо бо роҳи ворид намудани техноло-гияҳои нави агротехникӣ | 260 | 40 | 50 | 60 | 60 | 50 | Раёсати кишоварзӣ ва АДХ | Номуайян | |
| | | 3.10. Ташкили нуқтаҳои қабул, нигоҳдошт ва фурўши маҳсулоти меваю сабзавот | 230 | 30 | 50 | 50 | 50 | 50 | | Номуайян | |
| | | 3.11. Ташкили нуқтаҳои қабул ва нигоҳдошти маҳсулоти ширӣ | 80 | 5 | 65 | 5 | 5 | | Ҷ/С Бойматов | Номуайян | |
| | | 3.12. Зиёд намудани майдонҳои кишти хўроки чорво, махсусан растаниҳои равгандор (100Га). | 300 | 10 | 50 | 80 | 80 | 80 | АХД ваХ/Д хоҷагиҳои шахсӣ | Номуайян | |
| | | 3.13. Ташкили дорухонаҳои бойторӣ | 185 | 25 | 50 | 50 | 50 | 10 | Соҳибкорони шахсӣ | Номуайян | |
| | | 3.14. Ташкили нуқтаҳои безараргардонии чорвои фавтида (сўзонидан ва шустани онҳо) | 80 | 10 | 20 | 20 | 20 | 10 | ХСЭХадамоти бойторӣ ва АХД | Номуайян | |
| | | 3.15. Ташкили нуқтаҳо оиди бордоркунии сунъии ҳайвонот (7 адад) | 130 | 0 | 30 | 30 | 40 | 30 | Раёсати кишоварзӣ ва Хадамоти бойторӣ | Номуайян | |
| | | 3.16. Ташкили нуқтаҳои қабул ва коркарди пўст | 340 | | 100 | 240 | | - | Соҳибкорони шахсӣ | Номуайян | |
| | | 3.17. Харидорӣ намудани навъҳои нави серҳосили пахта ва зироатҳои галладонагӣ барои ХД Пулотон | 260 | 30 | 60 | 60 | 60 | 50 | Раёсати кишоварзӣ ва АХД. | Номуайян | |
| | | 3.18. Лоиҳаи "Рушди тухмипарварии пахта" | 128 | | 60 | 68 | | | Маҳмуд-ҷонов О. | Номуайян | |
| | 4. Паст намудани эрозияи хок ва хатарҳои ҳолатҳои фавқуллода | 4.1. Зиёд намудани миқёси ҷангалу буттазор барои ҳимоя аз эрозияи замин.(12км) | 110 | 10 | 20 | 30 | 30 | 20 | МИМХД ш. Конибодом АХД | Номуайян | |
| | | 4.2. Барқарорсозии сарбанди селбур дар маҳаллаи 20-уми ш. Конибодом бо дарозии 1,2километр | 2200 | 40 | 200 | 600 | 1200 | 160 | МИХД ИДО бо ҷалби манбаҳои беруна | Номуайян | |
| | | 4.3. Иҷрои корҳо оиди тоза намудани қисми қафогии селроҳаи №7, бо дарозии 2км | 750 | 50 | 150 | 150 | 200 | 200 | ИДО | Номуайян | |
| | | 4.4. Гузаронидани чорабиниҳо оид ба нигоҳ доштани ҷангали тугайдор дар мавзеи Ромсари ш. Конибодом | 57 | 10 | 10 | 20 | 17 | | Лоиҳаи «Таъмини ҷамъияти сайёдон ва моҳидорони ноҳияи Конибодом бо маводҳои махсуси муҳофизаткунандаи бешаи тўғайи соҳили | Номуайян | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | обанбори Қайроккум аз сӯхтор» | | |
| | | 4.5. Ташкили гурӯҳи махсусгардонидашуда дар назди ҷамъияти сайёдон ва моҳидорони ш. Конибодом оид ба муҳофизати муҳити биологии ҷангали тугайӣ, мавзеҳои сайёдии шаҳр. | 54,479 | | 54,479 | | | | Лоиҳаи «Таъмини ҷамъияти сайёдон ва моҳидорони ноҳияи Конибодом бо маводҳои махсуси му-ҳофизатку-нандаи бе-шаҳои тӯғайи соҳили обанбори Қайроққум аз сӯхтор» | Ному-айян | |
| | | 4.5. Гузаронидани тренингҳо барои намояндагони АХД оид ба истифодаи нуриҳои органикӣ ва тайёр намудани компостҳо. | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Раёсати кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | Ному-айян | |
| | | 4.3. Сохтмони сарбанд аз рӯи пешниҳоди истиқоматкунандагони маҳаллаи хурди 20-уми шаҳр. | 750 | - | 150 | 250 | 250 | 100 | МИХД ИДХО бо ҷалби манбаҳои беруна | Ному-айян | |
| **Истеҳсолоти саноатӣ** | | | | | | | | | | |
| Афзун намудани самаранокии корхонаҳои саноатӣ | 1. Тағйир додани намуди истеҳсолот, азхуд намудани истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти рақобатпазир ва истифодаи самаранокиқти-дори корхонаҳо | 1.1. Дар заминаи ҶС «Бодом» ташкили КМ оид ба барориши пӯлоди марганийдор ва техникаҳои махсус бо фармоиши КВД «ТАлКо» | 8000 | 350 | 1500 | 1850 | 2300 | 2000 | ҶС «Бодом» | ҶС «Бодом» | Афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ба 2016сол ба 25% Ба 2016 сол 300 ҷойи кори нав ташкил карда мешавад Афзоиши воридоти андоз аз ҳисоби корхонаҳои саноатӣ ба 2016сол ба ___% |
| | | 1.2. Дар заминаи заводи консервбарорӣ ташкили коркарди мева ва сабзавоти ҷавобгӯй ба талаботи муосири байналхалқӣ бо дастгоҳи бастабандии «Тетра пак» | 500 | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 | ҶС «Конибодом» бо ҷалби ман-баи беруна | Ному-айян | |
| | | 1.3. Ташкили бизнеси инкубатор дар заминаи КМОБ ва «Ресмон» | 380 | 50 | 80 | 80 | 80 | 90 | Завод бо ҷалби манбаи беруна ва сармояи шахсӣ | Ному-айян | |
| | | 1.4. Лоиҳаи "Ташкили сех оид ба истеҳсоли нӯшокӣ ва афшураҳо аз маҳсулоти мева ва сабзавот дар заминаи ҶС «Конибодом." | 400 | 80 | 320 | - | - | - | Соҳибкорони шахсӣ манбаи беруна | Ному-айян | |
| | 2. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва пешқадам коркарди лоиҳаҳои | 2.1. Ҷорӣ намудани технологияи хурд оид ба истеҳсоли намудҳои нави маҳсулоти оҳану бетонӣ дар заминаи корхонаи ЗОБ. | 150 | 30 | 120 | | | | Соҳибкорони шахсӣ, манбаи беруна | Ному-айян | |
| | | 2.2. Ҷорӣ намудани технология оид ба истеҳсоли матоҳои нобофта дар заминаи ҶС «Ресмон» | | | | | | | ҶСШК «Ресмон» | ҶСШК «Рес-мон» | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *сармоягузорӣ* | *2.3. ҶС «Ресмон» ворид намудани технологияи нави коркарди нахи пахта бо иқтидори 2000тонн, инчунин истеҳсоли калобаҳои ҷавобгӯӣ ба стандартҳои байналхалқӣ* | *339* | | *339* | - | - | - | *ҶСШК «Ресмон»* | *Номуайян* | |
| | | *2.4. Тайёр намудани нақшаҳои сармоявӣ ва маркентингӣ (бизнес-нақшаҳо) оид ба ворид намудани технологияҳои нави муосир бо мақсади ҷалби сармояи беруна ва дохилӣ (ҳар як корхонаи алоҳида)* | - | - | - | - | - | - | *МИҲД бо ҷалби мутахассисон* | *Номуайян* | |
| | | *2.5. Ташкили сайти корхонаҳои саноатӣ* | *10* | *5* | *5* | - | - | - | *МИҲД шӯъбаи саноатӣ* | *Номуайян* | |
| | | *2.6. Иштирок дар бизнес машваратҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ ва намоишгоҳҳо оид ба намоиши маҳсулоти истеҳсолгардида ва лоиҳаҳои нави пешқадам.* | *50* | *10* | *10* | *10* | *10* | *10* | *ҶС «Бодом» ҶСШК "Ресмон", МОБ* | *Номуайян* | |
| | | *2.7. Ҳамкорӣ бо **ИТИ**, бо гурӯҳи конструкторӣ оид ба коркард ва ворид намудан ба истеҳсолот маҳсулоти пешқадам дар заминаи корхонаҳои калони саноатии ш. Конибодом* | *500* | *100* | *100* | *100* | *100* | *100* | *ҶС Бодом, ҶСШК «Ресмон», МОБ* | *Номуайян* | |
| | *3. Тайёрии кадрҳо ва ҳавасмандгардонии фаъолияти кормандони корхонаҳои саноатӣ* | *3.1. Гузаронидани озмуни "Беҳтарин корхонаи саноатии сол"* | *10* | *2* | *2* | *2* | *2* | *2* | *МИҲД* | *Корхона-ҳои саноатӣ* | |
| | | *3.2. Тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи технологияҳои истеҳсолоти саноатӣ, технологияҳои иттилоотӣ, менеҷмент, маркетинг ва г., тавассути ҷудо намудани грантҳо барои курсҳои омӯзишӣ дар корхонаҳои саноатӣ* | *250* | *50* | *50* | *50* | *50* | *50* | *МИҲД бо ҷалби манбаҳои беруна* | *Номуайян* | |
| | | *3.3. Муҳайё намудани шароит барои фарғат ва истироҳати кормандони корхонаҳои саноатӣ* | *150* | *30* | *30* | *30* | *30* | *30* | *ҶС «Бодом»* | *Номуайян* | |
| | | *3.4. Азнав таҷҳизонидани матбаа* | *132* | *32* | *100* | - | - | - | *Матбааи ш. Конибодам* | *Номуайян* | |
| | *4. Кам намудани зараррасонии корхонаҳои саноатӣ ба муҳити зист* | *4.1. Мониторинг ва арзёбии мунтазами партовҳо* | *40* | *8* | *8* | *8* | *8* | *8* | *Шӯъбаи муҳофизати муҳити зист МИҲДш.Ко-нибодом* | *Номуайян* | |
| | | *4.2. Ташкили шиносномаҳои экологии корхонаҳо* | *50* | *10* | *10* | *10* | *10* | *10* | *Экология ва муҳофизати муҳити зист* | *Корхона-ҳои саноатии шаҳр* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | ***Соҳибкории хурд ва миёна*** | | | | | | | | |
| Беҳтаргардонии муҳит барои рушди соҳибкорӣ | 1.Ташкили иқтидор барои рушди мунтазами СХМ | 1.1. Ташкили маркази рушди соҳибкорони ш. Конибодом | 10 | 5 | 5 | | | | Шӯъбаи рушди иқтисод ва савдои МИҲД, ш. Конибодом | Номуайян | Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда ва хизматрасонӣ дар 2016с. ба 25% |
| | | 1.2. Баланд бардоштани иқтидори намояндагон СХМ оиди масъалаҳои рушди соҳибкорӣ | 20 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | Маркази рушди соҳибкорӣ | Номуайян | |
| | | 1.3. Ташкили гӯшаи соҳибкорон ва мунтазам баррасӣ намудани мушкилиҳо ва дастовардҳои СХМ дар ВАО | 3 | 0,5 | 1,0 | 0,5 | 1 | | Шӯъбаи рушди иқтисод ва савдои МИҲД, ш. Конибодом Шӯрои рушди соҳибкорӣ | Номуайян | |
| | 2. Ташкили шароитҳои мусоид барои СХМ ва дастгирии ташаббусҳо и пешқадами соҳибкорӣ | 2.1. Ташкили шӯрои рушди соҳибкорӣ дар назди МИМҲД ш. Конибодом | 1 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | ГК, ГТ | | Афзоиши ҳаҷми воридоти андоз аз ҳисоби соҳибко-рони шахсӣ дар 2016 сол ба 25%<br><br>Дар 2016г. 1000 ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд |
| | | 2.2. Ташкили маркази дастгирии ҳуқуқии соҳибкорӣ | 24 | 4 | 5 | 5 | 5 | 5 | Шӯрои соҳибкорони ш. Конибодом | Номуайян | |
| | | 2.3. Гузаронидани маъракаҳои ҷамъиятию иттилоотӣ оид ба пешбарии номзадҳо ба вакилии маҷлиси шаҳрӣ аз ҳисоби соҳибкорони сохторҳои шахсӣ. | 2 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | - | Шӯро ва Маркази рушди соҳибкорони ш. Конибодом | Номуайян | |
| | | 2.4. Ташкили 2 коргоҳи хурд оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар ҷамоати Ҷ. Ҳамробоев | 150 | 10 | 60 | 80 | | | Ҷамоати. Ҳамробоев | Сармояи шахсӣ | |
| | | 2.5. Ташкили коргоҳи хурди дӯзандагӣ дар заминаи ҶДММ "Тоҷ" | 126 | 40 | 86 | | | | ҶДММ "Тоҷ" | ҶДММ "Тоҷ" | |
| | | 2.6. Мусоидат намудан ба фаъолияти ташкилтҳои қарздиҳии хурд | | | | | | | МИМҲД ш. Конибодом | | |
| | | 2.7. Сохтмони чойхона дар деҳаи "Хамирҷӯй" | 105 | 40 | 66 | | | | Ном ва насаби соҳибкор | Сармояи шахсӣ | |
| | | 2.8. Сохтмони маркази савдо дар кӯчаи Айнӣ | 420 | 150 | 150 | 120 | | | Ном ва насаби соҳибкор | Сармояи шахсӣ | |
| | | 2.9. Барқарорсозӣ ва таҷдиди маркази савдои "Пахтакор" | 150 | 160 | | | | | Ном ва насаби соҳибкор | Сармояи шахсӣ | |

## 2.2. Бахши иҷтимоӣ

### 2.2.1. Тандурустӣ

Вазифаи асосии бахши ҳифзи сиҳатии оммаи ш. Конибодом беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ, махсусан ба табақаҳои ниёзманди аҳолӣ, аз ҷумла занон ва кӯдакон мебошад.

***Саломатии модар ва кӯдак.*** Мувофиқи нишондодҳои расмӣ дар шаҳр дар соли 2009 2 ҳолати фавти модар ба қайд гирифта шуда буд.

*Ҷадвали 34. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва дар хона, фавти модарон*

| Нишондиҳанда | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Занҳои синну соли таввалудӣ | - | 48010 | 48998 |
| Ҳамагӣ таваллуд | 4055 | 4379 | 4694 |
| Тавлид дар муассисаҳои тандурустӣ | 4032 | 4356 | 4668 |
| Бо фоиз | 99,4% | 99,5% | 99.5% |
| Таваллуд дар хона | 23 | 23 | 26 |
| Бо фоиз | 0,6% | 0,5% | 0,5% |
| Фавти модар (шумора/шумора ба 100 ҳазор зинда тавлидшуда) | - | 2 | - |

Мутахассисон далели фавти модаронро дар суст гаштани ҷараёни татбиқи барномаи саломатии репродуктивӣ ва банақшагирии оила, фаъолияти нокифояи КАТС, хусусан хадамоти патронажи ҳамширагони сарпараст оид ба расонидани кӯмак то таваллуд ба ҳомиладорон оид ба масъалаи дастрасии маводҳои пешгирии ҳомиладорӣ, иттилоотнокии занон оид ба масоили пешгирии бемориҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамияти бузургдошта ва ҳаёти тарзи солим алоқаманд медонанд.

*Ҷадвали 35. Шумораи занони баъд аз ҳомиладорӣ гирфтори камхунӣ аз норасогии оҳан ва ҳолатҳои норасогии йод*

| Нишондиҳанда | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занони давраи ҳомиладориро анҷомдода | 4194 | 4575 | 4891 |
| Камхунии норасогии оҳан | 2885 | 3637 | 3923 |
| Бо фоиз | 68.8% | 79.5% | 80.2% |
| Ҳолати норасогии йод | 2685 | 2471 | 2499 |
| Бо фоиз | 64,0% | 54% | 51,1 % |

Яке аз мушкилотҳои асосии саломатии модарон, боқӣ мондани ҳолати камхунӣ ва норасогии йод мебошад. Ин ҳолат, ба сатҳи пасти иттилоотнокии аҳолӣ, вобастагӣ дошта, ба ногузир будани риояи фосилаи байни таваллуд (дар соли 2010 аз шумораи умумии занони таваллуднамуда 8,1%-и онҳо фосилаи байни таваллудашон ҳамагӣ як солро ташкил додааст), инчунин хӯроки камғизо (бо назардошти камбизоатӣ ва гароннархии маҳсулоти хӯрокворӣ), дастнорас будани хизматрасонии тиббӣ ва маводҳои доруворӣ барои баъзе табақаҳои аҳолӣ, алоқаманд аст.

*Ҷадвали 36. Ҳаракати фавти атфол ва кӯдакони то 5 сола*

| Нишондиҳанда | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола ба 1000 з/т (шумораи ҳодисаҳо) | 77\19.1 | 107\24.5 | 108\23.2 |
| Тағйиротҳо бо % | - | 138% | 140% |
| Фавти атфоли то 1 сола ба 1000 з/т (шумораи ҳодисаҳо) | 65<br>16.1 | 95<br>21.8 | 96<br>20.6 |
| Тағйиротҳо бо % | - | 135% | 127,9% |

Дар шаҳр афзоиши ҳамасолаи фавти модару кӯдак, асосан ба паст гардидани индекси саломатии модар, нокифоягии чорабиниҳо оид ба нигоҳубини пеш аз таваллуди

ҳомиладорон, дер муроҷиат намудани модарон ба муассисаҳои тиббӣ (аксар вақт бо сабаби сатҳи пасти маълумотнокӣ оиди рафти ҷараёни касалиҳои кӯдакона, эикунӣ ва баланд будани нархи хизматрасонии тиббӣ ва доруворӣ, фаъолнокии нокифояи КАТС ва хадамоти сарпараст, рӯй медиҳад) алоқаманд мебошад, гарчанде, ки дар ин самт аз ҷониби муассисаҳои тиббӣ кор бурда мешавад.

Байни кӯдакони синну соли то 5 сола бемориҳои БШРМ, БШРН, кирми рӯда ва ғ. ба назар мерасанд.

***Бемориҳои сироятӣ.*** Нокифоягии дастрасии аҳолии ш. Конибодом ва ҷамоатҳои он бо оби нӯшокии хушсифат, сабаби афзоиши якбораи бемориҳои сироятӣ, хусусан дарунравӣ, мебошад. Аҳолӣ маҷбур аст, ки оби нӯшокиро харад. Аҳолии шаҳри Конибодом ҳамагӣ 17% бо оби нӯшокӣ таъминанд, ки сатҳи дуруштии он аз меъёр 4,5-5,5 маротиба баланд мебошад. Таҳлили бактериологӣ нишон додааст, ки дар оби нӯшокӣ вирусҳои якчанд намуди бемориҳои сироятӣ дарёфт шудаанд (зардпарвин, бемориҳои шадиди рӯдаю меъда ва ғ.). Ҳамасола беш аз 7% беморшудагон гурӯҳи махсусӣ табобатнашавандаро ташкил медиҳанд, ки дигаронро сироят месозанд. Афзудани сатҳи бемориҳо, бад шудани ҳолати саломатӣ ба паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда, хатари иҷтимоиро меафзояд.

*Ҷадвали 37. Ҷараёни бемориҳои сироятӣ*

| Нишондод | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи беморони гирифтори бемории сил | 251 | 224 | 182 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 140,7 | 123,6 | 99,8 |
| Шумораи шахсони қайдшудаи аз газидани ҳайвонот | 600 | 501 | 521 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 336,5 | 276,5 | 285,7 |
| Шумораи ҳодисаҳои қайдшудаи дарунравӣ. | 5 | 4 | 24 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 2,8 | 2,2 | 13,2 |
| Арақа (брюшной тиф) | - | - | 1 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | | | 0,5 |
| Зардпарвин А | - | 554 | 628 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | | 305,7 | 344,5 |
| Кирми рӯда | | 501 | 521 |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | | 276,5 | 285,8 |
| Ҳамагӣ аҳолӣ: | 178300 | 181200 | 182300 |

Дар шаҳри Конибодом, дар натиҷаи татбиқи барномаи давлатии ДОТС, пастшавии ҳолатҳои гирифторшавии аҳолӣ ба бемории сил мушоҳида мегардад. Мутахассисони маҳаллӣ далели мазкурро чунин шарҳ медиҳанд, ки дар соли 2010 аз 100% ҳолатҳои аввалин бор ба қайд гирифташудагони бемории сил, 30%-и онҳоро беморон аз байни муҳоҷирон ташкил медиҳанд.

Барои ошкор намудани бемориҳои кирми рӯда, ки вақтҳои охир бисёр паҳн гаштааст, (дар алоқамандӣ бо паҳншавии кирмҳо дар роҳҳои баромади талха аз ҷигар, дар талхадон ва ғадуди зери меъда), дар ҳамкорӣ бо Агентии давлатӣ оид ба назорати санитарию эпидемиологӣ, дар асоси нақшаи тасдиқшуда, гузаронидани санҷишҳои лабораторӣ, махсусан дар муассисаҳои томактабию мактабӣ ва табобатӣ гирифторони бемории мазкур, ба назар гирифта шудааст.

Дар шаҳр, гарчанде, ки омилҳои берунаи хатарҳои сироятёбӣ аз ҳисоби сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ мавҷуд аст, то ҳол ҳолатҳои гирифторӣ ба касалиҳои ВМИ/АНМБ (ВИЧ/СПИД) ба қайд гирифта нашудааст.

***Дигар бемориҳо.*** Дар байни аҳолӣ бемориҳои БШРН (ОРИ), сактаи дил, фишори баланд ва бемориҳои саратонӣ (хусусан дар байни занон) васеъ паҳн гаштааст. Мутахассисони маҳаллӣ бар он назаранд, ки дар соли 2010 шумораи занони гирифтори бемориҳои саратон тақрибан ду маротиба (ки ба афзоиши самаранокии ташхисҳо алоқаманд аст) зиёд гардидааст.

Солҳои охир майзадагӣ, нашъамандӣ, носкашӣ, тамокукашӣ ва саломатии равонию рӯҳии аҳолӣ, яке аз мушкилоти асосӣ гаштааст. Ҳолатҳои худкушӣ, махсусан дар байни ҷавонон зиёд гардидааст. Дар соли 2010 дар ноҳия 20 холати худкушӣ ва 9 адад кӯшиш ба худкушӣ ба қайд гирифта шудааст.

***Инфрасохтори тандурустӣ.*** Ба аҳолии ш. Конибодом ва ҷамоатҳои он 46 муассисаҳои тандурустӣ хизмат мерасонанд.

*Ҷадвали 38. Муассисаҳои тандурустию табобатии ш. Конибодом*

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 2 Маркази солимгардонии шаҳрӣ |
| | 18 Маркази солимгардонии деҳотӣ |
| | 16 Хонаҳои солимгардонӣ |
| Хадамоти бистаркунонӣ | Дармонгоҳи марказӣ |
| | Дармонгоҳи бачагона |
| | 4 дармонгоҳи рақамии деҳотӣ |
| Марказҳои махсуси тиббӣ | Маркази саломатии №2 |
| | Маркази бемориҳои асабу равонӣ |
| | Маркази бемориҳои пӯст ва сирояти венерологӣ |
| | Маркази мубориза бар зидди сил |
| | Маркази ташаккули ҳайти тарзи солим |
| | Маркази мубориза бо ВМИ/АНМБ |
| | Маркази таваллуди солим |
| | Маркази бурдани ҳаракати бемориҳои бачагона |
| | Маркази иммунизатсионӣ |
| | Маркази тиббӣи оилавӣ |
| | Маркази шаҳрии бемориҳои дандон |
| | Маркази фаъолияти ҳамшираҳои шафқат |
| | Маркази наркологӣ |
| Дигар хадамотҳо | Хадамоти давлатии назорати санитарӣ-эпидимеологӣ |
| | Бошишгоҳи ёрии тиббии таъҷилӣ |

Дар муассисаҳои КАТС дар соли 2010 920 кат ба қайд гирифта шудааст.

Гарчанде, айни ҳол, тақрибан 20%-и буҷаи маҳаллӣ ба соҳаи тандурустӣ равона карда шуда бошад ҳам, ҳаҷми нокифояи маблағгузорӣ, ба ҳаллу фасли мушкилиҳои инфрасохторӣ алоқаманд ба таъмири асосии МТП дар ш. Конибодом, таъминоти доруворӣ, таҷҳизоти замонавии тиббӣ ва СРМ монеа мегардад.

Дар доираи ислоҳоти соҳа, бо мақсади беҳтар намудани сифат ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббие, ки ба аҳолӣ пешниҳод мегардад, корҳои омодагӣ оид ба фаъолияти ба роҳ мондани Барномаи Кафолатҳои Давлатӣ – (БКД) иҷро гашта истодааст. Дар ин самт, мутахассисон омода гашта, якҷоя бо раёсати молияи шаҳр, нақшаи чорабиниҳоро барои солҳои оянда оид ба маблағгузории сарикасӣ дар ш. Конибодом, тасдиқ кардаанд.

*Ҷадвали 39. Тахассуси кормандони МТП ш. Конибодом*

| Нишондодҳо | 2009 | 2010 | Фарқият | Баландравӣ |
|---|---|---|---|---|
| Пизишкон бо маълумоти олӣ | 278 | 283 | 5 | 101,8 |
| Аз он ҷумла: | | | | |
| Пизишкони соҳавӣ | 163 | 155 | -8 | 95,1 |
| Пизишкони занона | 26 | 26 | 0 | 100,0 |
| Пизишкони бачагона | 49 | 46 | -3 | 93,9 |
| Пизишкони оилавӣ | 40 | 56 | 16 | 140,0 |
| Маълумоти миёнаи махсус | 1050 | 1118 | 68 | 106,5 |
| Ҳайати хурди тиббӣ | 522 | 464 | -58 | 88,9 |
| Ҳамагӣ: | 1850 | 1865 | 15 | 100,8 |

Дар доираи татбиқи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ, намудҳои нави расонидани кӯмаки аввалия, ба монанди тибби оилавӣ ба роҳ монда шудааст. Дар шаҳр маркази

намоишӣ/намунавии тибби оилавӣ дар заминаи клиникаи кафедраи тибби оилавии шӯъбаи Хуҷандӣ барои баланд бардоштани сатҳи тахассусии баъдидипломии кормандони соҳа ба шумор меравад, амал мекунад, ки метавонад, ҳамчун замина барои омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи мазкур, хизмат намояд.

Дар шаҳр норасогии кадрҳо аз рӯи тахассусҳои пизишки бачагона (2 ҷойи корӣ), пизишкони бемориҳои дарунӣ (2 ҷойи корӣ), анестезиологҳо (5 ҷойи корӣ) ба назар мерасад.

*Ҷадвали 40. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи тандурустии ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Парметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Шумораи кати беморхонаҳо (ҳазор кат) | 920 | 920 | 920 | 900 | 900 | 97,8 |
| Иқтидори муассисаҳои табобатӣ-дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 1400 | 1400 | 1400 | 1400 | 1400 | 100 |
| Шумораи муассисаҳои тиббӣ: (адад) | 18 | 18 | 18 | 18 | 18 | 100 |
| Шумораи хонаҳои тиббӣ (адад) | 53 | 53 | 53 | 53 | 53 | 100 |
| Шумораи кормандони тиббӣ (адад) | 1900 | 1900 | 1900 | 1930 | 1930 | 101 |
| Аз он чумла: | | | | | | |
| Духтурон | 300 | 300 | 300 | 310 | 310 | 103 |
| Кормандони миёнаи тиббӣ | 1200 | 1300 | 1300 | 1320 | 1320 | 110 |
| Таъминот барои 10 ҳазор аҳолӣ: | | | | | | |
| - бо катҳои беморхонаҳо (катҳо) | 49,8 | 49,5 | 49 | 47,4 | 46,9 | 94,2 |
| - бо духтурон (нафар) | 16,5 | 16,3 | 16 | 15,8 | 15,6 | 94,5 |
| - бо кормандони миёнаи тиббӣ | 65 | 69,9 | 69,2 | 68,5 | 67,8 | 104,3 |
| - бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 75,6 | 75,6 | 75,6 | 75,6 | 75,6 | 100 |

### 2.2.2. Маориф

Бахши маориф яке аз бахшҳои афзалиятноки сиёсати имрӯзаи роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Инро якчанд маротиба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Рахмон, махсусан дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011, қайд намудааст.

Мақсади асосӣ дар бахши маорифи ш. Конибодом – баланд бардоштани саводнокии аҳолӣ тавассути афзун намудани фарогирии кӯдакони синни мактабӣ ва таъминоти ҳарчи бештари дастрасии хонандагон ба муассисаҳои таълимоти умумӣ мебошад.

Сатҳи умумии саводнокии аҳолии шаҳр ва ҷамоатҳо, аз ҷумла занон, солҳои охир баланд гардидааст.

*Ҷадвали 41. Сатҳи саводнокии аҳолӣ вобаста ба ҷинс*

| Сол | 2008 | | 2010 | |
|---|---|---|---|---|
| Сатҳи таълим | Ҳамагӣ | Аз ҷумла занон | Ҳамагӣ | Аз ҷумла занон |
| Олии касбӣ | 2749 | 1038 | 2811 | 1609 (57,2.%) |
| Миёнаи махсус | 4742 | 1247 | 4882 | 2675 (54,8%) |
| Миёна | 17829 | 8986 | 18629 | 9352 (50,2%) |

***Маълумоти томактабӣ***. Дар соли 2011 дар шаҳр ва ҷамоатҳои он 11 боғчаи бачагон фаъолият менамуд, ки 4 адади он дар деҳот (ҳамагӣ 39 гурӯҳ, бо назардошти 11 гурӯҳ барои кӯдакони то 3 сола) ҷойгир шудааст. Ғунҷоиши умумии муассисаҳои томактабӣ 1050 нафарро ташкил медиҳад, ки аз он 660 нафар ё (63%) бо назардошти

мавҷуд набудани шабакаи гармидиҳӣ дар боғчаи бачагон танҳо имконияти иштироки мавсимиро доранд (аз 11 боғчаи бачагона, дар мавсими зимистон танҳо 6 адади онҳо бо ангиштсанг гарм карда мешаванд, дигар боғчаҳои бачагона тамоман гарм карда намешаванд).

*Ҷадвали 42. Шумораи ҷойҳо дар муассисаҳои томактабӣ дар солҳои 2008-2010*

| № | Номгӯи муассисаҳои томактабӣ | Солҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | |
| | | Ҳамагӣ, нафар | Писарон | Духтаронон | Ҳамагӣ, нафар | Писарон | Духтаронон | Ҳамагӣ, нафар | Писарон | Духтаронон |
| 1 | Боғчаи бачагонаи №4 | 108 | 57 | 51 | 162 | 94 | 68 | 176 | 98 | 78 |
| 2 | Боғчаи бачагонаи №6 | 230 | 118 | 112 | 251 | 136 | 115 | 233 | 106 | 127 |
| 3 | Боғчаи бачагонаи №11 | 90 | 42 | 48 | 95 | 42 | 53 | 97 | 52 | 45 |
| 4 | Боғчаи бачагонаи №3 | - | - | - | - | - | - | 20 | 9 | 11 |
| 5 | Боғчаи бачагонаи №5 | 56 | 31 | 27 | 56 | 27 | 29 | 57 | 26 | 32 |
| 6 | Боғчаи бачагонаи №7 | 160 | 95 | 84 | 180 | 89 | 91 | 190 | 92 | 98 |
| 7 | Боғчаи бачагонаи №8 | 76 | 43 | 33 | 75 | 41 | 34 | 75 | 30 | 39 |
| 8 | Боғчаи бачагонаи №9 | 70 | 40 | 30 | 70 | 28 | 42 | 90 | 42 | 48 |
| 9 | Боғчаи бачагонаи №10 | 70 | 39 | 31 | 75 | 33 | 42 | 75 | 35 | 40 |
| 10 | Боғчаи бачагонаи №12 | 45 | 25 | 20 | 105 | 55 | 50 | 125 | 56 | 69 |
| 11 | Боғчаи бачагонаи №13 | - | - | - | 30 | 11 | 19 | 50 | 24 | 26 |
| | Ҳамагӣ: | 906 | 490 | 436 | 1099 | 556 | 513 | 1188 | 601 | 591 |

Ҳам дар шаҳр ва ҳам дар ҷамоатҳои деҳот, талабот ба боғчаҳои бачагон хеле калон аст. Фоизи умумии таъминоти кӯдакони синни томактабӣ бо ҷойҳо дар боғчаҳои бачагона на он қадар баланд - тақрибан 6% (шумораи кӯдакони синни томактабӣ солҳои охир аз 18 500 то 19 000 нафарро ташкил дод) мебошад.

Мушкилоти асосии муассисаҳои томактабӣ ба муҷаҳҳазгардонии техникӣ, ки ба талаботҳои муосир на он қадар ҷавобгӯй аст, норасогии воситаҳо барои гузаронидани таъмири асосӣ ва гарм намудани боғчаҳо дар мавсими зимистон, алоқаманд аст.

***Таълимоти мактабӣ.*** Дар шаҳри Конибодом ва ҷамоатҳои он 54 мактаб фаъолият менамоянд, аз ҷумла 5 мактаби таълимоти асосӣ, 48 мактаби миёна, 1 интернат-табобатгоҳ, 1 гимназия, 1 литсей, 1 мактаби касбӣ, 1 муассисаи таълимоти иловагӣ, 11 муассисаои томактабӣ ва мактаби хусусии Р.Ҷӯраев.

*Ҷадвали 43. Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии ш. Конибодом ва ҷамоатҳо*

| Соли хониш | 2007-2008 | | | | 2008-2009 | | | | 2009-2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Синфҳо | Ҳамагӣ, нафар | Писарон | Духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ, нафар | Писарон | Духтарон | % духтарон | Ҳамагӣ, нафар | Писарон | Духтаро н | % духтарон |
| 1-4 | 13861 | 6951 | 6910 | 49,8 | 13195 | 6593 | 7461 | 56,5 | 12358 | 6194 | 6164 | 49,9 |
| 5-9 | 19276 | 9671 | 9605 | 49,8 | 18893 | 9399 | 9494 | 50,2 | 18523 | 9267 | 9256 | 50,0 |
| 10-11 | 4553 | 1681 | 2872 | 63 | 4438 | 1647 | 2791 | 62,9 | 4454 | 1738 | 2716 | 60,9 |
| Ҳамагӣ | 37690 | 18303 | 19387 | 51,4 | 38526 | 16780 | 19746 | 54,0 | 35335 | 17199 | 18136 | 51,3 |

Сабаби кам шудани шумораи хонандагони синфҳои болоӣ ба хориҷӣ кишвар бурдани хонандагон аз тарафи волидайни онҳо (онҳое, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мера-

ванд) ва инчунин ба муассисаҳои таълимии миёнаи махсус ва касбию техникӣ фарогирии олнҳо ба шумор меравад. Аз тарафи дигар ин нокифоягии буҷаи оилавӣ барои таъминоти кӯдакон бо сарулибос ва лавозимоти мактабӣ мебошад. Бинобар дар масофаи дур воқеъ будани мактаб аз ҷои истиқомат ва набудани нақлиёти ҷамъиятӣ аксар вақт хонандагон дар ҷараёни таълим иштирок надоранд.

Дар охири соли 2010 сатҳи давомоти хонандагони муассисаҳои таълимоти умумӣ 95-97%-ро ташкил дод. Дар шаҳр сатҳи тарк намудани мактабр аз ҷониби хонандагони синфҳои 9 ва 10 на он қадар баланд буда, 2,5% ва дар синфҳои 10-11 - 0,5 %-ро ташкил медиҳад.

Солҳои охир асосан бо роҳи ҳашар дар мактабҳои №38, 17, 21, 53, 3712 синфхонаи иловагӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

***Таълимоти кӯдакони имконияташон маҳдуд.*** Дар ш. Конибодом ба 65 нафар кӯдакони имкониятҳояшон маҳдуд дар асоси хулосаи комиссияи тиббию педагогӣ, дар хона таълим дода мешавад.

***Нишондодҳои иштирок дар олимпиадаҳо***. Аз шаҳри Конибодом 16 нафар хонандагон дар олимпиадаҳои фаннӣ иштирок намуданд, аз ҷумла 6 нафар хонандагон дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ, 2 нафар аз мактабҳои миёнаи №20 ва №32 ҷойҳои дуюм ва сеюмро ишғол намуда, бо медалҳои нуқра ва биринҷӣ сарфароз гардиданд.

Дар соли хониши 2010-2011 дар мактабҳои шаҳр 2377 нафар омӯзгорон ба таълиму тарбия машғул буда, аз он 1950 нафарашон занҳо мебошанд, ки ин нишондод тақрибан 80%-и шумораи умумии омӯзгоронро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 44. Шумораи умумии омӯзгорон дар мактабҳои шаҳр ва ҷамоатҳо дар солҳои 2007- 2010 (нафар)*

| | 2007 -- 2008 | 2008 -- 2009 | 2009 -- 2010 | 2010 -- 2011 |
|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумӣ | 2851 | 2649 | 2551 | 2377 |
| аз ҷумла занон | 2374 | 2219 | 2033 | 1950 |
| Бо маълумоти олӣ | 1446 | 1345 | 1335 | 1317 |
| аз ҷумла занон | 1038 | 967 | 972 | 943 |
| Бо маълумоти олии нопурра | 101 | 109 | 135 | 147 |
| аз ҷумла занҳо | 89 | 103 | 122 | 138 |
| Бо маълумоти миёнаи махсус | 1304 | 1195 | 1335 | 913 |
| аз ҷумла занҳо | 1247 | 1149 | 972 | 869 |
| Бо маълумоти миёнаи умуми | - | - | - | - |
| аз ҷумла занҳо | - | - | - | - |
| Норасогии кадрҳои соҳибихтисос | 121 | 159 | 98 | 148 |

Мувофиқи талаботи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи таъминоти мактабҳои маълумоти умумӣ бо компютерҳо ба талаботҳо ҷавобгӯ нест (1 компютер ба 26 нафар хонанда рост меояд), ки он аз меъёрои стандартӣ 6 компютер кам мебошад. Ҳамагӣ дар мактабҳои шаҳр 723 компютер ва 102 принтер мавҷуд аст.

Мушкилотҳои асосии мактабҳои таҳсилоти умумӣ – фарсуда гаштани шабакаҳои гармитаъминкунӣ ва таҷҳизотҳои мактабӣ ба ҳисоб меравад. Ба санаи 1 январи соли 2011 миқдори талабот ба таҷҳизотҳои мактабӣ 1800 миз ва 3600 курсиро ташкил дод. Дар солҳои 2010-2011 аз буҷаи маҳаллӣ барои харидорӣ намудани 900 миз ва 1800 курсӣ маблағ ҷудо карда шуд, инчунин бо дастгирӣ ва кӯмаки молиявии волидон хонандагони мактабҳои № 16, 24, 42, 26, 14, 29, 43 бо 330 миз ва 660 адад курсӣ таъмин гардиданд.

*Ҷадвали 45. Мушкилоти муассисаҳои таълимоти умумии ш. Конибодом ва ҷамоатҳои он*

| Мушкилот | Рақами мактаб, мавзеи ҷойгиршавӣ. |
|---|---|
| Таъмири бинои мактабҳо | Тибқи барнома – 34 мактаб<br>Мактабҳои №№1,2,3,4,5,7,8,9,10,11,12,13,14,15,16,17, 18, 19,20,21,22,23,24,25,26,27,28,29,30,31,32,33,34 |
| Норасогии синфхонаҳо | Мактабҳои № 32,33. |

| | |
|---|---|
| Зарурияти сохтмони мактабҳои нав | Маҳаллаи Бобокалонови шаҳр,<br>Арабои Боло-ҷ. Пулотон,<br>Кӯйи Қозиён – ҷ. Ортиқов<br>Шаҳраки Айнӣ. |
| Таъминот бо кадрҳо | |
| - норасогии омӯзгорони фанҳои дақиқ ва гуманитарӣ<br>- сатҳи пасти зиндагии омӯзгорон<br>- сатҳи пасти дониши мутахассисони ҷавон. | 148 нафар<br>Қисми омӯзгорони шаҳр ва деҳот<br>Ҳамасола ҷалб намудани 20% омӯзгорон ба курсҳои баланд бардоштани ихтисос. |
| Шароитҳои номувофиқи таълим барои донишомӯзии хонандагон. | |
| -Заминаи нокифояи моддию техникии муассисаҳо.<br>- Норасогии таҷҳизотҳои мактабӣ – мизу курсиҳо барои хонандагон.<br>- Набудани кабинетҳои фаннӣ бо таҷҳизотҳои нави замонавӣ муҷаҳҳазонидашуда.<br>- Норасогии китобҳои таълимӣ бо забони ӯзбекӣ.<br>- Дар мактабҳо вуҷуд надоштани қувваи барқи доимӣ.<br>-Корношоям гардидани шабакаи гармитаъминку-нии мактабҳо.<br>-Дар мактабҳо мавҷуд набудани хатти оби нӯшокӣ. | 34 мактаб ноҳия ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд, 10тоаш дар ҳолати садамавӣ аст<br>барои 3600 ҷой.<br>Дар аксарияти мактабҳо (70%)<br>Дар 25 мактаби таълими забони ӯзбекӣ (таълими якҷояи тоҷикӣ - ӯзбекӣ).<br>Мактабҳои № 8,10,13,14,15,19,20, 21,26,27,28,30,33,34,36,38,41,44,46, 47,48,52,53.<br>Мактабҳои № 1,3,4 шаҳр, гимназия, литсей<br>Мактабҳои деҳотии №10,11,13,14,15,16,20, 22,23,24,26, 27,28,29,30,32,33,44,46,<br>Мактабҳои 10,11,12,13,18,21,28,29,30,31, 35,38,43,44,45,46,48,49,53, литсейҳои, 1,4,6,8 |
| Сатҳи нокифояи дастрасӣ ба муассисаҳои томактабӣ. | Мактабҳои дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳот ҷой- гиршуда. |
| Ҳолати боғчаҳои бачагона – номувофиқатӣ ба талаботҳои муосир | |
| - Нокифоягии маблағгузорӣ барои хӯрокворӣ, таъмир ва таҷҳизонидан.<br>Таъмирталаб будани кӯдакистонҳо<br>- Мавҷуд набудани таҷҳизоти нав ва компютерҳо. | Дар тамоми 11 боғчаҳои бачагона.<br>Боғчаҳои бачагонаи №3,4,5,6,7,8,9,10,11,12,13..<br>Дар ҳамаи 11 боғчаҳои бачагона. |
| Мавҷуд набудани боғчаҳои бачагонаи хусусӣ. | Дар шаҳр ва деҳот. |
| Кушодани мактабҳои намуди нав, гимназия ва литсейҳо. | Дар тамоми мактабҳои деҳот |
| Аз бинои иҷоравӣ баровардани мактаби маълумоти умумии№48 | ҷам. Хамробоев |

***Маълумоти берунаазмактабӣ.*** Дар шаҳр ҳамагӣ як маркази маълумоти иловагӣ фаъолият менамояд, ки дар он 19 нафар омӯзгорон фаъолият менамоянд. Дар мактаб 624 нафар хонандагон, аз ҷумла 328 нафар духтарбачагон ба таълим фаро гирифта шудаанд. Марказ дорои 18 маҳфилҳои фаннӣ (забони русӣ, дӯзандагӣ, дӯстдорони табиат, забони англисӣ, кишваршиносӣ, технологияҳои иттилоотӣ, академияи хурди илмҳо, зардӯзӣ ва бофандагӣ) мебошад. Бинои Марказ дар ҳолати садамавӣ қарор дошта, ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ дорад, ҳамзамон таҷҳизот ва лавозимоти хониш, китоб ва асбобҳои аёнии дарсӣ намерасанд.

***Маълумоти миёнаи махсус.*** Дар шаҳри Конибодом 5 муассисаи маълумоти миёнаи махсус фаъолият намуда, дар онҳо мутахассисони соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, саноати сабук ва дӯзандагӣ омода мегарданд. Дар соли хониши 2010-2011 дар муассисаҳои маълумоти миёнаи махсус 2319 донишҷӯён (аз ҷумла 1573 духтарон) бо таълим фаро гирифта шудаанд. Ҳайати умумии омӯзгорону олимон 316 нафар буда, 59,8%-и онро занҳо ташкил медиҳанд.

Солҳои охир шумораи дохилшудагон ба муассисаҳои касибию техникӣ аз ҷумлаи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Конибодом, 293 нафарро (аз ҷумла 196 нафар духтарон) ташкил дод. Сатҳи таъминоти кор аз рӯи ихтисоси хатмкунандагони муассисакасбиву техникӣ дар соли 2010 - 73,8%-ро ташкил дод, аз ҷумла дар байни духтарон 82,1%.

*Ҷадвали 46. Муассисаҳои маълумоти миёнаи махсуси (ММММ) ш. Конибодом (то 1 январи соли 2011)*

| ММММ ш. Конибодом | Шумораи донишҷӯён (аз ҷумла духтарон) | Шумораи омӯзгорон (аз ҷумла занҳо) | Мушкилот ва мушкилиҳое, ки ба сифати маълумоти пешниҳодшуда таъсир мерасонанд. |
|---|---|---|---|
| Омӯзишгоҳи омӯзгории ба номи Мирзо Турсунзода | 540 (531) | 73(53) | Набудани оби нӯшокӣ, норасогии компютерҳо, мавҷуд набудани дастрасӣ ба шабакаи Интернет, норасогии китобҳо ва маводҳои таълимӣ. Набудани маблағ сабаби ғайриимкон гаштани таъмири боми роҳрави асосӣ ва хобгоҳи №3 гаштааст. |
| Техникуми технологии Совет | 538 (266) | 60(41) | Мавҷуд набудани асбобҳо/воситаҳои муосири таълимӣ, гарм кардани синфхонаҳо дар фасли зимистон, норасогии адабиёти таълимӣ бо забони давлатӣ, таъмири асосии боми бинои таълимии қисми №1 бино, мавҷуд набудани китобхонаи электронӣ. |
| Литсеи касбии саноати кишоварзӣ | 402 (17) | 94(26) | Мавҷуд набудани асбобҳо/воситаҳои муосири таълимӣ, гарм кардани синфхонаҳо дар фасли зимистон, норасогии адабиёти таълимӣ бо забони давлатӣ, таъмири асосии боми бинои таълимӣ, мавҷуд набудани китобхонаи электронӣ, норасогии кадрҳои омӯзгорӣ ва муҳандисии дорои маълумоти олӣ. |
| Литсеи касбии дӯзандагӣ | 250 (187) | 33(26) | Ҳолати садамавии боми бинои маъмурӣ, ошхона, толори варзишӣ, маҷлисгоҳ, устохонаи таълимӣ, корношоям гаштани обкаши оби нӯшокӣ ва оби полезӣ барои обёрии заминҳои литсей. |
| Омӯзишгоҳи тиббӣ | 589 (572) | 56(43) | Нокифоягии биноҳои таълимӣ, номувофиқ будани бинои нав ба талаботҳои муосир (набудани синфхонаҳо, об ва ҳоҷатхона), норасогии адабиёти таълимӣ, компютер ва таҷҳизоти муосир. |
| Ҳамагӣ: | 2319 (1573) | 316 89) | |

*Ҷадвали 47. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи маорифи ш. Конибодом дар солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013г. | 2014г. | 2015г. | |
| Шумораи кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ новобаста аз шакли моликият (ҳазор нафар) | 1,6 | 1,8 | 1,9 | 1,9 | 1,9 | 118,7 |
| Шумораи кӯдакони синни томактабӣ | 25,6 | 26,9 | 27,8 | 28,5 | 29,0 | 113,2 |
| Шумораи кӯдакони синни мактабӣ | 47,9 | 49,2 | 50,1 | 50,1 | 50,1 | 104,5 |
| Миқдори ҷойҳо дар муассисаҳои таълимоти томактабӣ (ҳазор ҷой) | 1,8 | 1,9 | 1,9 | 1,9 | 1,9 | 105,5 |
| Шумораи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ - ҳамагӣ (ҳазор нафар) | 33,3 | 33,5 | 33,6 | 33,7 | 33,7 | 101,2 |
| Аз онҳо – дар мактабҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ | 33,3 | 33,5 | 33,6 | 33,7 | 33,7 | 101,2 |
| аз он ҷумла - хусусӣ | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,6 | 0,6 | 150 |
| - дар литсейҳо | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 100 |
| аз он ҷумла - хусусӣ | | | | | | |
| - дар гимназияҳо | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 100 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи хонандагони таҳсилкунанда дар басти якуми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ (ҳазор нафар) | 21,2 | 22,0 | 22,3 | 22,4 | 22,4 | 105,6 |
| Шумораи муаллимон дар мактабҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ (ҳазор нафар) | 2,4 | 2,4 | 2,5 | 2,5 | 2,5 | 104,2 |
| Таъминот: | | | | | | |
| бо муассисаҳои томактабӣ барои 1000 кӯдакони синни томактабӣ (ҷой) | 1125 | 1055 | 1000 | 1000 | 1000 | 88,9 |
| Бо муассисаҳои таълимоти умуми барои 1000 хонанда (ҷой) | 637 | 632 | 634 | 635 | 635 | 99,7 |

### 2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

Рушди кунунии шаҳри Конибодомро бо сатҳи баланди бекорӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, маҳдудияти имкониятҳои иқтисодии қисми асосии аҳолии шаҳр ва деҳот муайян муайян кардан мумкин аст.

***Шуғли аҳолӣ.*** Гарчанде, ки шумораи шаҳрвандони бекор дар ш. Конибодом расман ба қайд гирифташуда хеле кам бошад ҳам, бекорӣ яке аз мушкилотҳои ҳалталаби асосии шаҳр ба ҳисоб меравад.

*Ҷадвали 48. Сатҳи бекорӣ*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Аҳолии қобили меҳнат ҳаз. нафар. | 104,5 | 105 | 106,6 |
| Бекорон (расман ба қайдшуда), нафар. | 851 | 936 | 927 |

Бо мақсади расонидани кӯмаки молиявӣ ба бекорон Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Конибодом, ҷиҳати таъмини шуғл барои бекорон, асосан барои ташкили соҳибкории хурду миёна, қарзҳои хурди бефоиз ҷудо менамояд. Ҳаҷми ин қарзҳо солҳои охир хеле зиёд гардидааст.

*Ҷадвали 49. Қарзҳои бефоизе, ки ба бекорон дода шудааст (сомонӣ)*

| | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Шумораи гирифтагони қарз нафар. | 50 | 63 | 58 |
| Ба маблағи умумӣ | 98 700 | 155 700 | 177 900 |

Дар соли 2010 аз ҷониби Агентии мазкур 604 нафар шаҳрвандон бо кор таъмин гашта, 158 нафар ҷиҳати гирифтани маълумоти касбӣ – техникӣ ҷалб гардиданд. Аз тарафи Агентии номбурда мунтазам намоишҳои ҷойҳои нави корӣ (асосан корҳои музднoки ҷамъиятӣ) гузаронида мешаванд.

*Ҷадвали 50. Нишондиҳандаҳои дурнамои захираҳои меҳнатии ш. Конибодом (ҳазор нафар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2011с. ҳисобот | 2012с. баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | 2015с. нисбати 2011с. бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2013с. | 2014с. | 2015с. | |
| Захираҳои меҳнатӣ | 105,4 | 104,5 | 101,4 | 106,2 | 106,5 | 101,0 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулбудагон – ҳамагӣ | 62,7 | 62,5 | 62,7 | 63,1 | 63,6 | 101,4 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Дар истеҳсолоти моддӣ | 55,0 | 55,4 | 55,8 | 56,2 | 56,4 | 102,5 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Саноат | 2,4 | 2,5 | 2,6 | 2,65 | 2,7 | 112,5 |
| Кишоварзӣ | 51,4 | 51,6 | 51,8 | 52,0 | 52,1 | 101,4 |
| Сохтмон | 0,18 | 0,19 | 0,20 | 0,22 | 0,25 | 138,9 |
| Нақлиёт ва алоқа | 0,3 | 0,32 | 0,34 | 0,36 | 0,4 | 133,3 |
| Савдо, хӯроки ҷамъиятӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ. | 0,25 | 0,30 | 0,35 | 0,4 | 0,45 | 180,0 |
| дигар соҳаҳо | 0,5 | 0,52 | 0,55 | 0,55 | 0,5 | 100,0 |
| дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | 7,7 | 7,1 | 6,9 | 6,9 | 7,2 | 93,5 |
| Аз шумораи машғулбудагон: | | | | | | |
| - дар корхона ва ташкилотҳои бахши давлатӣ | 8,7 | 8,7 | 8,7 | 8,7 | 8,7 | 100,0 |
| - бахши коллективӣ | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,25 | 0,25 | 125,0 |
| - дар корхона ва ташкилотҳои шакли моликияташон гуногун | 12,2 | 12,0 | 12,2 | 12,35 | 12,8 | 104,9 |
| - дар бахши хусусӣ (бо назардошти хоҷагии шахсӣ) | 41,6 | 41,6 | 41,6 | 41,8 | 41,85 | 100,6 |
| Шахсони бо фаъолияти меҳнатӣ машғул набудагон | 42,7 | 42,0 | 43,3 | 43,1 | 42,9 | 100,5 |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ | | | | | | |
| Шумораи муҳоҷирони меҳнати берун аз марзи ҷумҳурӣ баромадаанд (ҳазор нафар) | 26,6 | 24,3 | 24,3 | 24,5 | 24,8 | 93,2 |

***Музди меҳнат.*** Маоши ҳадди ақал дар шаҳри Конибодом ба санаи 01.01.2010 сол 210,41 сомониро ташкил додааст. Аммо байни соҳаҳои мухталиф фарқияти сатҳи музди меҳнат мушоҳида мешавад: музди меҳнати аз ҳама паст дар соҳаҳои буҷавӣ ва кишоварзӣ ба қайд гирифта шудааст.

*Диаграммаи 9. Сатҳи музди меҳнат аз рӯи соҳаҳо (бо сомонӣ)*




***Муҳоҷирати меҳнатӣ.*** Муҳоҷирати меҳнатӣ сарчашмаи асосии шуғли аҳолӣ ва даромаднокӣ мебошад, ки барои беҳсозии некӯаҳволии мардуми шаҳри Конибодом ва рушди иқтисодиёти маҳал омили муҳимро мебозад. Муҳоҷирати меҳнатӣ тарзи ҳаёти аксарияти аҳолии маҳал гаштааст.

Муҳоҷирони меҳнатӣ барои кор асосан ба Руссия, Қазоқистон ва Қирғизистон сафар намуда, дар он ҷо бештар ба корҳои сохтмонӣ ва кишоварзӣ машғул мешаванд.

Тибқи маълумоти расмӣ, соли 2010 аҳолии маҳаллӣ аз ҳисоби муҳоҷирати меҳнатӣ 59 101,3 ҳазор доллари ИМА маблағ ба даст овардааст, ки он нисбат ба соли 2009 - 968.7 ҳазор доллари ИМА зиёд мебошад.

*Ҷадвали 51. Муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат*

| Сол | Аҳолии қобили меҳнат(нафар) | Муҳоҷирони меҳнатӣ (нафар) | % аз аҳолии қобили меҳнат |
|---|---|---|---|
| 2008 | 104,5 | 24328 (аз ҷумла занҳо 7789) | 23,3 |
| 2009 | 105 | 23106 (аз ҷумла занон 6625) | 22,0 |
| 2010 | 106,6 | 24281 (аз ҷумла занон 7983) | 22,8 |

***Таъминоти нафақавӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ.*** Мувофиқи маълумоти Раёсати ҳифзи иҷтимоӣ аҳолии ш. Конибодом дар соли 2010 шумораи нафақахӯрони шаҳр 16 622 нафар буда, аз ин шумора 5% аз сабаби кам будани ҳаҷми нафақаашон идомаи фаъолияти худро доранд. Дар ш. Конибодом андозаи миёнаи нафақа 109 сомонӣю 57 дирамро ташкил додааст.

*Ҷадвали 52. Ҳайати нафақахӯрони шаҳри Конибодом*

| Ҳайати нафақахӯрон | Шумора |
|---|---|
| Аз рӯи синну сол | 10629 нафар |
| Аз рӯи маъюбӣ | 2345 нафар |
| Талафоти саробон | 1323 нафар |
| Меҳнати бисёрсола | 209 нафар |
| Нафақахӯрон барои хизмати шоистаи ҶТ | 44 нафар |
| Нафақаи иҷтимоӣ | 1531 нафар |
| Маюбони ҶБВ | 21 нафар |
| Иштирокчиёни ҶБВ | 26 нафар |
| Оилаҳои онҳо | 3 нафар |
| Маъюбони САЭ Чернобил | 5 нафар |
| Маъюбони ҷанги Афғонистон | 5 нафар |
| Коргарони ақибгоҳ | 64 нафар |
| Шахсони яккаву танҳо монда | 158 нафар |
| Нафақахӯроне, ки кор мекунанд | 832 нафар |

Дар назди шӯъбаи ҳифзи иҷтимоии шаҳр 2 шӯъба оиди расонидани кӯмак ба шаҳрвандони пиронсол ва барҷомонда, бо шумораи умумии 24 нафар кормандон фаъолият менамояд, ки ба 179 нафар нафақахӯрон ва 25 нафар шахсони яккаву танҳо кӯмак мерасонанд. Кормандони хадамоти мазкур мунтазам 2 маротиба дар як ҳафта ба шахсони солхӯрда, оид ба корҳои хоҷагиашон, харидории маҳсулоти хӯрокворӣ, доруворӣ, шустушӯи либос ва тайёр намудани хӯрок кумак мерасонанд. Мушкилоти асосии имрӯзаи ташкилоти мазкур – норасогии асбобҳои техникӣ (компютер, принтер, ксерокс), мавҷуд набудани нақлиёт ва мебел, инчунин таъмирталаб будани бинои ташкилот мебошад.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷа, ба 4157 нафар кӯдакони камбизоат - ҷубронпулӣ, ба 30 нафар зарардидагони садамаи Чернобил – кӯмаки яквақта, ба 21 нафар собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, 58 нафар собиқадорони меҳнат ва 23 нафар маъюбони модарзод кӯмакпули дода мешавад.

Бо мақсади дастгирии маъюбон дар масъалаи таъмин намудан бо ҷои кор, дар шаҳри Конибодом Корхонаи таълимию истеҳсолии нобиноён фаъолият менамояд, ки дар он 27 нафар бо кори доимӣ таъмин мебошанд.

### 2.2.4. Фарҳанг ва фароғат

***Фарҳанг.*** Шаҳри Конибодом яке аз марказҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки бо комёбиҳои худ дар бахши санъат машҳур гардидааст. Дар шаҳри Конибодом 29 китобхона, 28 марказҳои фарҳангии деҳот, театри драмавӣ-мусиқии ба номи Т. Фозилова, мактаби бачагонаи мусиқӣ, гурӯҳи эҷодии «Шашмақом», гурӯҳҳои оилавии эҷодии Неъматовҳо ва Мӯъминовҳо, дастаи халқии «Хоҳаракон» ва «Бибиҷон», гурӯҳи «Ромиш», осорхонаи таърихию кишваршиносӣ бо филиали Мадрасаи Ойим, фаъолият менамоянд.

Дар соли 2008 бо ташаббуси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ш. Конибодом бо тарзи ҳашар бинои Қасри фарҳангии ҶС «Ресмон» таъмир гардида, ба ихтиёри мактаби бачагонаи санъат супорида шуд.

Яке аз ёдгориҳои бои фарҳангӣ осорхонаи Мирраҷаб Додхоҳ мебошад, ки ёдгории таърихии охири асри 16 ва миёнаҳои асри 17 ба ҳисоб меравад. Аз соли 1983 мадрасаи мазкур ҳамчун осорхонаи таърихию кишваршиносӣ фаъолият менамояд. Дар ноҳия 45 масҷид, аз онҳо 8 масҷиди ҷомеа, 37 масҷидҳои панҷвақта, 1 мадраса ва 34 қабристон мавҷуд мебошанд.

Мушкилотҳои асосии соҳаи фарҳанг: норасогии асбобҳои мусиқии касбӣ (фортепиано, рубоб, тор, тамбӯр, доира, синтезатор, гитара, скрипка, най, баландгӯяк барои гузаронидани маъракаҳои маданию фарҳангии оммавӣ, инчунин мавҷуд набудани автоклуб), асбобҳои мусиқии вуҷуддошта дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд, дар театри маҳаллӣ бошад таҷҳизотҳои равшанидиҳанда корношоям гардидаанд, барои харидорӣ намудани сару либоси лозимӣ, таҷҳизотҳои театрӣ, маводҳои барои ороиши бадеӣ ва дизайни намоишномаҳои театрии, азнавсозии саҳнаи театр тибқи талаботҳои муосир воситаҳои молиявӣ намерасанд. Дар шаҳр студияи замонавии касбии сабти овоз вуҷуд надорад. Ҳолати биноҳои китобхона ва клубҳо бад буда, таъмирталаб ҳастанд. Дар тамоми муассисаҳои фарҳангӣ шабакаи гармидиҳӣ вуҷуд надорад ва ҳолати ҳоҷатхонаҳои ҷамъиятӣ ғайриқаноатбахш мебошанд. Мутахассисони методӣ намерасанд. Боғи фароғатии шаҳр тибқи талаботҳои муосир ба таҷдид ва азнавсозӣ (сохтмони фавворaҳо, гулгаштҳо, ороиши роҳравҳо бо масолеҳи декоративӣ, ҷобаҷогузории чарху фалакҳо, майдончаи рақс ва саҳнаи тобистона) ниёз дорад. Биноҳои осорхонаҳо фарсуда буда, ҷевонҳо ва намоишҷойҳоро таҷдид намудан зарур аст, экспонатҳо ва мутахассисони касбӣ намерасанд. Дар мактаби рассомӣ мушкилоти норасоии омӯзгоронрассомон ба назар мерасад. Ҳавасмандгардонии мутахассисон вуҷуд надорад, музди миёнаи кормандони фарҳанг ва фароғат 250 сомониро ташкил медиҳад. Бо сабаби баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ бинои осорхонаи Мирраҷаб Додхоҳ дар ҳолати садамавӣ қарор дорад.

***Варзиш.*** Дар шаҳр инфрасохтори варзишӣ рушд намудааст, ки иборат аз 146 иншооти варзишӣ, аз ҷумла, варзишгоҳи «Ҷавонӣ» ва варзишгоҳи «Мактаби варзиш», 3 ҳавзи шиноварӣ ва 88 майдончаи варзишӣ мебошад.

